**АФСАР САРМАД**

# ФАРОЗҲОИ ЗИНДАГӢ

Душанбе
«Шарқи Озод»
2018

*Ба хотираи волидайни зиндаёдам*

ББК 84 Тоҷик 7-5
С-32

Муҳаррир *Муҳаммадалии Аҷамӣ*

**Афсар Сармад. Фарозҳои зиндагӣ** *(маҷмӯаи шеър)*.
– Душанбе, «Шарқи Озод», 2018, 256 саҳ.

«Фарозҳои зиндагӣ» дувумин маҷмӯаи шеъри Афсар Сармад буда, муаллиф эҳсоси дилашро дар мавзӯъҳои гуногуни зиндагӣ дар қолаби назм самимона изҳор намудааст.

Афсар Сармад корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, аз рӯи ихтисоси худ пурсамар фаъолият дорад.

Ин дилбастаи адабиёт аз пешаи пурзаҳмати суханварӣ огаҳӣ дошта, дер боз шеър мегӯяд.

Дар эҷодиёташ байту бандҳои хотирмон кам нестанд. Ӯ кӯшидааст, ки дар мавзӯъҳои муқаддас ва ҷовидонии адабиёт сухани тозаи худро дар шаклҳои гуногуни шеърӣ изҳор намояд.

Намунаҳои эҷодаш дар маҷаллаю рӯзномаҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ борҳо ба табъ расидаанд.

ISBN 978-99975-63-07-1

© Афсар Сармад, 2018



## ШАРҲИ ҲОЛ

Афсар Сармад (Ҳамрозода Бӯрӣ Сармад) 23-юми марти соли 1964 дар деҳкадаи Пули Гирдоби ҷамоаи деҳоти Моғиёни ноҳияи Панҷакент дар хонаводаи марди бофитрат Ҳоҷӣ Сармад Ҳамрозода ва модари парҳезгор Бибӣ Шарофат ба дунё омадааст.

Донишкадаи кишоварзии Тоҷикистонро бо ихтисоси иқтисодчӣ-ташкилотчӣ хатм намудааст. То соли 1992 дар Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии иқтисодӣ ба ҳайси корманди илмӣ амал намуда, баъд аспиранти ҳамин муассиса маҳсуб мешуд.

Афсар Сармад полковники хадамоти гумрук буда, дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи сентябри соли 1992 то имрӯз фаъолият дорад.

Фориғ аз кор ба эҷоди қиссаву ҳикоя ва шеър машғул аст. Эҷоди Афсар Сармад мавзӯъҳои меҳанпарастию инсонпарварӣ, ишқу ормонҳои пок ва монанди инҳоро дар бар гирифта, маҳсули эҷодаш дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳурӣ ба табъ расидаанд.

Китоби ашъораш бо номи «Савти Истиқлол» дар нашриёти «Адиб» ба нашр расидааст.

Афсар Сармад бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст.

## МЕЪМОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТ

Замон дар гардиши соли навад буд,
Замони кинаву бухлу ҳасад буд.
Бимонда шеъри шоир носуруда,
Ба саҳро кишти деҳқон нодуруда.
Ватан аз ашки миллат тар ҳамешуд,
Ҳавои зиндагӣ дигар намешуд.
Падар буд монда дар як сӯи соҳил,
Писар дар каф камону кина дар дил.
Зи дасти аҳриман ҷангу бало буд,
Ба дилҳо меҳру шафқат бебақо буд.
Чӣ хуш он анҷуман дар кохи Арбоб,
Зи хурсандӣ бишуд бас дида пуроб.
Чӣ эъҷозе ба мо он анҷуман кард,
Шукуфону гулистон ин Ватан кард.
Бишуд сарчашмаи сулҳу амонӣ,
Шукуфон шуд зи нав ин зиндагонӣ.
Биёмад аз қазо чун нури Яздон
Расули меҳру ваҳдат пури Раҳмон.
Гузар аз зиндагию ҷону тан кард,
Зи нав обод ин зебо Ватан кард.
Ба мардум мӯнису хешу қарин шуд,
Мароми мақсадаш сулҳофарин буд.
Муҳоҷир рӯй бар сӯи Ватан шуд,
Зи нав тоҷик ҳама як ҷону тан шуд.
Шукуфон шуд зи нав ин Тоҷикистон
Ба бахти тоҷикону сарвари он.
Муборак Ваҳдату шодӣ муборак,
Шукӯҳу бахту озодӣ муборак!

*   *   *

Намуда бӯса ӯ бо меҳр парчам,
Бишуд ашкаш равон аз шодию ғам.
Рухи фархунда бар парчам бимолид,
Ба чашмони зи ашкаш нам бимолид.
Барои миллаташ пурсида ҳоҷот,
Бикард аз дил ба сӯи Ҳақ муноҷот:
«Бидорӣ дар паноҳат Тоҷикистон,
Раҳон аз ғуссаву ғам мардуми он.
Ба ҳам оварда ин қавми парешон,
Биёвар шодӣ ҷои дарду ҳиҷрон».
Ба гӯши Ҳақ расид ин муддаояш,
Бигаштӣ мустаҷоб охир дуояш.
Масоил баррасӣ дар анҷуман шуд,
Муҳоҷир рӯй бар сӯи Ватан шуд.
Зи нав якҷоя шуд қавми парешон
Зи Раштону Хуҷанду Вахшу Хатлон.
Шукуфону гулистон ин Ватан шуд,
Ба рағми душманони мову ман шуд.
Зиҳӣ, поянда бошӣ, пури Раҳмон,
Ба бахти тоҷикону Тоҷикистон!

*   *   *

Дар канори кишвари зебои ман,
Тоҷикистони биҳиштосои ман
Нури Раҳмонӣ биёмад чун падид,
Даври озодию ободӣ расид.
Даври рушди кору ҳам афкорҳо,
Тарки мо кард он ҳама душворҳо.
Бо талоши тоҷики фархундарод
Сулҳу озодию ваҳдат дар ниҳод.
Рафта аз мо соли наҳсу соли ғам,
Халқи тоҷик аз дигар омад ба ҳам.
Сулҳу пирӯзӣ биёмад бар Ватан,
Мардуми тоҷик шуд як ҷону тан.

Шуҳрату иқболи миллат марҳабо,
Ҷашни Истиқлоли миллат марҳабо!
Савти озодӣ муборак, ҳамватан,
Дар фазои кишвари зебои ман.
Зинда бодо шуҳрату иқболи мо,
Сарзамини соҳибистиқлоли мо!

* * *

Сулҳу озодию ваҳдат дар ниҳод,
Тоҷики ман карда бо ҳам иттиҳод.
Карда ӯ ин сарзаминро гулфишон,
Сарзамини пурсафои тоҷикон.
Бо ливои ваҳдату сулҳофарин
Гашта якҷо зери ин чархи барин.
Аз Зарафшону Бадахшону Ҳисор,
Мардумони Рашту Хатлон дар канор.
Сарзамин ободу навсозӣ кунем,
Ин Ватанро мо зи худ розӣ кунем.
То ки бошад мардуми мо сарбаланд,
Ваҳдати мо ҷовидону безаванд.
Пуштибони миллату кишвар шавем,
Ҳамдигарро ҳамдаму ёвар шавем.
То ки гардад сабзу хуррам ин макон,
Сарзамини сулҳбори тоҷикон.
Зинда бодо ваҳдату иқболи мо,
Сарзамини тозаистиқлоли мо!

## ХУРШЕДИ ПАЁМ

***Эҳдо ба Пешвои миллат***

Эй марди Худо, зиҳӣ! Худо ёрат бод,
Дар кору амал Худо мададгорат бод.
Эй ҳомии Сулҳу Ваҳдати ин кишвар,
Аз дарду ғами ҷаҳон нигаҳдорат бод.

Пур чеҳраи ту зи нури раҳмат доим,
Дил пур зи фараҳ зи шавқи дидорат бод.
Бикшода ту бас тунелу раҳҳои азим,
Файзу баракат ба равнақи корат бод.
Бас нури илоҳӣ борад аз чеҳраи ту,
Бишкуфта ду рухсори пуранворат бод.
Чун оқилу фархундаву фарзона туӣ,
Хайру баракат ба кору афкорат бод.
Бо чеҳраи Раҳмонӣ пур аз нуру зиё,
Бас нуру зиё туро ба рухсорат бод.
Сарчашмаи Раҳмонию хуршеди Паём,
Равшан раҳи халқи некпиндорат бод.
Сармад бикунад дуо ба даргоҳи Худо,
Ин маснади сарварӣ сазоворат бод!

## МАЗРАИ БАХТ

Ту ҳастӣ ибтидои ман,
Ҳама нуру сафои ман.
Азизӣ аз барои ман,
Ватан, эй Тоҷикистонам.

Ту ҳастӣ саҷдагоҳи ман,
Ҳаме пушту паноҳи ман.
Ба сӯи туст роҳи ман,
Ватан, эй нуру имонам.

Ту ҳастӣ нури чашмонам,
Ҳама уммеду армонам,
Нишоне аз ниёгонам,
Ватан, эй беҳтар аз ҷонам.

Аҷаб хуррамдиёри ман,
Умеди ман, баҳори ман,
Ҳама авҷу барори ман,
Ватан, ту модари ҷонам.

Ту ҳастӣ мазраи бахтам,
Макону тоҷу ҳам тахтам,
Туӣ виҷдону имонам,
Ватан, тахти Сулаймонам.

Ту ҳастӣ шуҳрату шонам,
Маҳу хуршеди тобонам,
Ватан, эй модари ҷонам,
Ватан, эй Тоҷикистонам.

**САҶДАГОҲ**

Зи куҳсорат бихоҳам устуворӣ,
Зи ҳар сангат бихоҳам бурдборӣ.
Биомӯзам ҳадиси сарбаландӣ,
Матонат, устуворӣ, пойдорӣ.
Сафо бахшад дилам боду ҳавоят,
Маро бахшида хокат хоксорӣ.
Зи оби нуқраосою зулолат
Ба дил афтода ҳусни беғуборӣ.
Диёри орзуҳои ҷавонӣ,
Диёри ошиқию интизорӣ.
Диёри сирру асрори табиат,
Диёри обҳои шӯху ҷорӣ.
Намозамро бароят мегузорам,
Барои ман нишони ифтихорӣ.
Ватан, имону виҷдонам ту ҳастӣ,
Бароям ҳамчу модар пойдорӣ.
Ватан, эй ҳастии ман, саҷдагоҳам,
Ба ҳар сангеву хоре, ки ту дорӣ.

## ПАРЧАМИ ИСТИҚЛОЛ

Аз Хуҷанди Бостон то қуллаи боми ҷаҳон
Медурахшад парчами зебои тоҷик парфишон.
Чун нишони ҷовидони якдилию хуррамӣ
Медурахшад шуълаафшон дар диёри тоҷикон.

Бар сари мо чун ҳумо пар мезанад, ҳампои бод,
Медурахшад партавафшон рӯҳи моро карда шод.
Рангҳои ҷовидонаш дода бар дилҳо умед,
Медиҳад бар мо ҳидоят баҳри фардо шодбод.

Ранги сурхаш чун нисори ҷон барои иттиҳод,
Бахту иқболу саодат, покномӣ аз сафед.
То ки бошад сабзу хуррам ин диёри тоҷикон,
Медурахшад ранги сабз аз партави нури умед.

То ки бошад иқтидори кишвари мо ҷовидон,
Кишвари зебову хуррам, сарзамини тоҷикон.
Ҷилвааш аз боди озодӣ ба дил орад фараҳ,
Номи тоҷикро намуда шуҳраи рӯи ҷаҳон.

## БАХТНОМАИ МИЛЛАТ

Зи сидқи дил ба каф бигрифта хома,
Нависам шарҳ ман аз Бахтнома.
Кафили ваҳдату сулҳу амонӣ,
Сафобахши нишоти зиндагонӣ.
Муқаддас аз барои мардуми мо,
Муайян карда ин марзу буми мо.
Намуда манфиатҳоро ҳимоят,
Ба мо созад раҳи некӯ ҳидоят,
Ки то бошад Ватан ободу озод,
Ки бошад миллати мо хурраму шод.

## ИФТИХОР

Аз Самангон ё Бухоро, ё Тахор,
Насли мо як решаву мо як табор.
Тоҷику афғону эронӣ чаро?
Як диёру як ватан бошад ба мо.
Тоҷикию форсию ҳам дарӣ
Баҳри ман бошад забони модарӣ.
Мо нишоне аз билоди Ориён,
Аз Хуросони куҳан ҳамчун нишон.
Дини мо пайванди як пайғамбар аст,
Қиблаи мо ҷои ҳаҷҷи акбар аст.
Ифтихори мо бувад Мавлои Рум,
Ибни Синову ҳама аҳли улум.
Рӯдакию Ҳофизу Иқболи мо
Бас навишта қисмату аҳволи мо.
Қисмати мо сатрҳои Бедил аст,
Ҳастии мо бал зи як обу гил аст.
Мекунем аз ин ҳама мо ифтихор,
Чунки мо худ зодагони як диёр.
Аз ҳасад чашмони душман кӯр бод,
Сарзамини Ориён пурнур бод!
Кӯр гардад чашми бадхоҳу ҳасуд,
Хонаи душман бигардад пур зи дуд!

## МЕҲРИ ВАТАН

Шунав аз ман суханҳое, бародар,
Ватан сар мешавад аз батни модар.
Аз он рӯзе, ки ҷонат дар бадан ҳаст,
Дилат пайвастаи меҳри Ватан ҳаст.
Аз он рӯзе бароят ном доданд,
Ба тақдират хате пайғом доданд.
Нахустин ҷумла ояд бар забонат,
Ватан, ҳам модару ному маконат.

Ба мисли навниҳоле дар чаман ту,
Шукуфтӣ дар канори ин Ватан ту.
Бигаштӣ навҷавону гаштӣ ошиқ,
Ба номи ин Ватан гардида лоиқ.
Ҷавоният чу аз ту бехабар рафт,
Пас аз модар зи дунё чун падар рафт.
Ту мондию Ватан монду замин монд,
Нишоне аз ҷавоният ҳамин монд.
Худо хоҳад, расидӣ гар ба пирӣ,
Ту даст аз домани Меҳан нагирӣ.
Туро ҳаст ин Ватан, ин Тоҷикистон
Мисоли хун ба раг, чун дар бадан ҷон.
Бидораш эҳтиромашро, бародар,
Шукӯҳу нангу номашро баробар.
Барои мо муқаддас ин Ватан ҳаст,
Чу пайванде ба ҷисму ҷону тан ҳаст.
Азиз аз он бидорем ин Ватанро,
Сипар созем баҳраш ҷону танро.
Ватан чун ҳиссаи Модар-Замин аст,
Давоми қиссаи ман ҳам ҳамин аст.
Агар бошад замин моро чу модар,
Барад моро ба батнаш бори дигар
Зи хокему чу пайванди заминем,
Ватанро пойдевори аминем.
Чу ҳар як хишти он бошад гили мо,
Бувад меҳри Ватан андар дили мо.

## ШУКРОНАИ ВАТАН

Бипарҳезам аз он шахсе, ки доим мову ман дорад,
Куҷо ноҳақсириште, рӯ ба сӯи марғазан[1] дорад.
Ба дунё одамӣ доим ба фикри молу сарват буд,
Вале ҳангоми мурдан дар танаш танҳо кафан дорад.

---

[1] гӯристон

Кунам шукронаи зебо Ватан, ин Тоҷикистонам,
Вагарна бин, чӣ аҳволе, ки ҳар як беватан дорад.
Зи алфози латиф аз лонааш берун шавад море,
Бубин он қудрати воло, ки андар худ сухан дорад.
Ба молу сарвати дунё набандад дил каси оқил,
Ва он марде, ки доим хуни мардӣ дар бадан дорад.
Ба фасли тирамаҳ чун барги гул пажмурда мегардад,
Баҳорон бас аҷаб гулбуттаҳо боғу чаман дорад.
Суханхоҳӣ, ҳаме то кай бипурсанд аз мани мискин,
Бигӯям, то даме як қатра хун рагҳои тан дорад.
Сарафрозӣ чаро Афсар, бипурсандӣ маро ҳар гаҳ,
Сарам боло, на ҳар кас инчунин зебо Ватан дорад.

## СУБҲИ ВАТАН

Хайра мақдам, субҳи нав, бар ин дару боми Ватан,
То нафас гирем аз ин субҳи гуҳарфоми Ватан.
Партавафшон парчамат аз файзи боди субҳдам,
Ҳамчу мӯҳои парешони гуландоми Ватан.
Рӯзи нав дар сафҳаи таърих монад ҷовидон
Бо шукӯҳи тозаву зебоии номи Ватан.
Рӯзи навро ҳамчу таърихи навини тоҷикон
Менависам дар китоби некфарҷоми Ватан.
Шодбоди субҳдам гӯем, Сармад, ҳар замон,
То ба субҳи нав расида баъди ҳар шоми Ватан

## ВАТАН

Тану ҷонам нисори ин Ватан бод,
Ба Хатлону Ҳисори ин Ватан бод.
Агарчи рӯйи олам бекарон аст
Вале ҷоям канори ин Ватан бод!

Зарафшону Бадахшон сарзаминам,
Ба кулли марзу бумаш ман аминам,
Ду чашмони нигаҳбонам шабу рӯз
Фидои чашми ёри ин Ватан бод!

Маҳалбозӣ шавад гум аз заминам,
Ба ин аз ҷону дил ман мутмаиннам.
Сари боло ки дорам, эй азизон,
Фидои сарбаландии Ватан бод!

## РӮДАКӢ

Душманаш аз нотавонӣ Рӯдакиро кӯр кард,
Мил бар чашмаш кашида, зинда андар гӯр кард.
Кӯр карданд арчи чашмаш бенавоёни хирад,
Шеъру дастонро вале бо сад наво ӯ ҷӯр кард.

Гарчи душман нисбати ӯ кинаву бедод кард,
Сарзамину хонадонашро ҳаме бар бод кард,
Лек шеъру шоирӣ аз дасти зулм эмин бимонд,
Рӯдакию шеъри ӯро халқи тоҷик ёд кард.

Пайкараш афрохта дар маркази майдони шаҳр,
Гӯиё рӯҳаш биёмад андар ин айвону даҳр.
Миллати тоҷик Боғи Рӯдакӣ дорад кунун,
Меравад овозаи он бар ҳама хушкию баҳр.

Бӯи ҷӯи Мӯлиёнаш бар Ватан оварда шоҳ,
Шуҳрату овозаи ӯ рӯи дунёро гирифт.
Сар накард ӯ хам ба назди душманони нобакор,
Гарчи душман мулки Дорову Бухороро гирифт.

Гарчи рафта вақти бисёр аз замону даври ӯ,
Номи ӯ бошад ҳаме дар дидаву дилҳои мо.
Тоҷикем, ин сарфарозӣ бошад аз бахти накӯ,
Номи неки Рӯдакӣ бошад сари болои мо.

## ЁДИ ЛОИҚ

Дар баҳорон сабзаи нав чун бирӯяд аз замин,
Ашки борон қатра-қатра мечакад чун аз ҷабин,
Карда ёде Лоиқи ширинсуханро бо алам,
Хуни дил резад ба ҳасрат рӯи коғаз ин қалам.
Ҳар гаҳе андар баҳорон чун равам сӯи Лучоб,
Бар сари гӯраш нишинам, мешавад чашмам пуроб.
Пуштаи гӯраш миёни ин «дабистон»-и хамӯш
Гашта аз гулҳои наврӯи баҳорон сабзапӯш.
Номи ӯ бо меҳрубонӣ бар забон чун орамаш,
Медиҳад акси садо он дам садои форамаш.
Карда ман аз ҳар тараф овози ӯро ҷустуҷӯ,
Мекунам гӯё ба рӯҳи софу покаш гуфтугӯ.
Сорбон андар ғамат бишкаста чандин хомааш,
Менависад бо алам то ҳол Лоиқномааш.
Ҳар гаҳ Афзалшоҳи Шодӣ хонд дар васфат суруд,
Дар забонаш исми покат, дар дилаш меҳри ту буд.
Ҳар гаҳе ин Сармади шӯрида мегӯяд сухан,
Номи Лоиқ бар забон орад ба ҳар як анҷуман.
Номи Лоиқ дар дилу ҳам дар забони тоҷик аст,
Номи тоҷик решапайванде ба номи Лоиқ аст.

## ШЕЪРИ ЛОИҚ

Ҳар гаҳе бар ҳар куҷо созам сафар,
Ҳамраҳам гирам китобатро ба бар.
Шеъри нобат раҳнамою раҳбарам,
Номи некатро ба маҳфилҳо барам.
Ҳамчу як гаҳворачунбони замин,
Шеъри ту гӯё ки бошад инчунин.
Шоире андар дили ин мардумон,
Ахтари рахшони нурафшони ҷон.
Шеъри ту хуршеди вологавҳарон,
Шеъри ту чун аллаҳои модарон,
Ҳамчу як гаҳворачунбон модаре,
Пурҷилою ҳам дурахшон гавҳаре
Шеъри ту бошад ҳамеша ҷовидон,
Дар забону дар дили пиру ҷавон.

## ДУШАНБЕ – ШАҲРИ СУЛҲУ ОСОИШ

Душанбе, шаҳри ман, обу гили ман,
Макону хонадону манзили ман.
Ту шаҳри беҳтарин дар рӯи олам,
Бувад меҳри ту дар ҷону дили ман.

Туӣ оинаи дилҳои тоҷик,
Ривоҷу равнақи фардои тоҷик.
Душанбе пойтахти орзуям,
Нишони сарбаландиҳои тоҷик.

Душанбе, ҷаннати рӯи заминӣ,
Макони мардуми сулҳофаринӣ,
Агарчи дидаам бас шаҳри олам,
Валекин аз ҳама ту беҳтаринӣ.

Шавад равшан зи номат маҳфили ман,
Бувад меҳри ту ҷо андар дили ман.
Ба ҳар як зарраи обу гили ту
Бувад пайваста ин обу гили ман.

Сафо бахшад маро субҳидами ту,
Ба дарди ман давою марҳами ту,
Парафшон парчами ту ҷовидонӣ,
Фараҳ ёбад дилам аз парчами ту.

Намои моҳу шеду ахтарӣ ту,
Барои тоҷикон тоҷи сарӣ ту.
Чу шарёни ба дил пайваста бошӣ,
Зи ҳар як шаҳри олам бартарӣ ту.

Ирам боғи базебу дилрабоят,
Ба дил орад фараҳ фаввораҳоят.
Ту зебоию сарсабзу гулафшон
Аё эй шаҳри гулҳо, ҷон фидоят!

Душанбе, бахту иқболат муборак,
Навад солу ҳама солат муборак.
Бисозам ифтихор аз номи покат,
Ҷавоншаҳрӣ, хушо ҳолат муборак!

## ИФТИХОР АЗ ДУШАНБЕ

Андар дили ман ҷой бувад номи Душанбе,
Бахшандаи илҳом бувад шоми Душанбе.
Болам ман аз он парчами рахшандаи тоҷик,
К-он ҷилва намояд ҳама бар боми Душанбе.
Эй гавҳари тоҷик, ту аз хоки Ватан дур,
Доим бирасонам ба ту пайғоми Душанбе.
Аз накҳати шаббодаи Варзоб шавам маст,
Дилдода бувад моҳи дилороми Душанбе.
Шӯру шаафи рӯди пур аз ғулғули Варзоб
Зебанда бувад бар шаби ороми Душанбе.
Гулгашту хиёбони Душанбе шуда зебо
Аз ҷилваи гулҳои гуҳарфоми Душанбе.
Пурсанд агар, Сармади дилдодаи кистӣ?
Ман ошиқи дилдори гуландоми Душанбе.

## МУҚАДДАСОТИ ДУШАНБЕ

Дар канори пойтахти тоҷикон,
Дар миёни боғшаҳри гулфишон
Аз насими субҳи уммеди ватан
Парчами иқболи миллат парфишон.

Бар шукӯҳи парчами мо бингаред,
Ранги сабзу арғувониву сафед.
Тоҷ бо ҳафт ахтарони зарнигор
Партавафшон ҳамчу хуршеди умед.

Қасри Миллат ифтихор аз баҳри мо,
Бошукӯҳ андар канори шаҳри мо.
Дода бар дилҳои мо нури умед,
Мекунад равшан чароғи даҳри мо.

Инъикоси бахту тахти тоҷикон,
Ифтихори миллати мо ин Нишон.
Дар канори Қасри Миллат устувор,
Гашта ҳамчун шеду маҳ партавфишон.

Сурати зери нишон бошад китоб,
Аз паси он медурахшад офтоб.
Тоҷу кӯҳу ахтарони осмон–
Ин нишони сарзамини тоҷикон.

Худ китоб ахлоқи ирфонӣ бувад,
Пахтаву гандум фаровонӣ бувад.
Ифтихори пойтахти тоҷикон
Тоҷу Исмоили Сомонӣ бувад.

## МАХЗАНИ ХИРАД

Бувад ин ҷо ҳамеша маҳфили ман,
Бувад поку муқаддас чун дили ман.
Макони оқилону орифон аст,
Зи таърихи куҳан то ин замон аст.
Ба номи миллатам бошад сазовор,
Ҳама ганҷи пуранвору гуҳарбор.
Шукӯҳу фахру бахти тоҷикон аст.
Зи мероси ниёгонам нишон аст.
Барои ман бувад ҳам тоҷу ҳам тахт,
Бувад таскини дил дар лаҳзаи сахт,
Касе хонад китоби пурмаъонӣ,
Бихандад доимо бар рӯи ӯ бахт.

Анису ҳамдами розам китоб аст,
Чу мизроби навосозам китоб аст.
Мисоли чашмаи дурру маъонӣ
Бидонам, ҷумла оғозам китоб аст.
Чу ёре дар барам ҳар дам китоб аст,
Бароям ҳамдилу ҳамдам китоб аст,
Китоб оромбахши ин дили ман,
Бувад мушкилкушои мушкили ман.
Раҳи эҷоду эъзозам китоб аст,
Рафиқон, боли парвозам китоб аст.
Манам як шоири шӯрида Сармад,
Ки ҳар як мисраам рози китоб аст.
Ба мисли боғи хуби зиндагонӣ,
Макону манбаи илму маъонӣ.
Зи ҳарфи илму ҳам ибратнигорӣ
Расонад бар ту ҳар дам дасти ёрӣ.
Ҳаёту зиндагии одамизод
Зи дониш мешавад зебову обод.
Агар дониш бувад устоди одам,
Китоб ин худ бувад иршоди одам.
Чароғи сеҳрангез ин китоб аст,
Шарори рӯҳбахшаш беҳисоб аст.
Китоб андешаву фарру зиё аст,
Китоб, эй раҳравон, чун раҳнамо аст.
Тамаддунҳо бирафта бенишон аст,
Китоб аммо ҳамеша ҷовидон аст.
Паёме аз ҳаёту зиндагонист,
Нишони ваҳдату сулҳу амонист.
Аз авроқаш ҳаме гулдаста барчин,
Зи таърихи замону даври пешин.
Ба ҳангоми зафар ҳар душмани мо
Ниҳода захми хунин бар тани мо.
Ба ёд ояд маро он лаҳзаҳо, бас,
Ба коми оташи бадкину нокас
Ҳама ганҷи сухан хокистаре шуд,
Зи дасти нокасу бадгавҳаре шуд.

Бисӯзонад дилам андӯҳу дардаш,
Намонда порае авроқи зардаш.
Зи даврони гарони чархи гардун
Бимонда то кунун дилҳои мо хун.
Китоб амсоли киштии замона,
Ба дарёи замон доим равона.
Китоб оинаи ҳусну ҷамол аст,
Ба мо сарчашмаи фазлу камол аст.
Чу хунолуд арақҳои ҷабинҳо,
Нишоне аз барои насли фардо.
Ҳамон халқе, ки маҳрум аз китоб аст,
Тамоми давлату тахташ хароб аст.
Аё, эй тоҷикони поксимо,
Азизони дили ҳар пиру барно,
Сиришта баҳратон ман ин суханҳо,
Бихоҳам аз шумо танҳову танҳо:
Биҷӯеду бихонеду бидонед,
Ба роҳи зиндагонӣ дар намонед.

* * *

Китоб аслу насли ниёгони мо,
Хирад то абад дар дилу ҷони мо
Хирадманду дониш чу ёри азиз
Намояд ба мо роҳи неку тамиз.
Раҳонад зи гумроҳию роҳи бад
Ба айёми тифлию умри абад.
Бувад баҳри мо мушфиқу меҳрубон,
Ба авлоди одам чи пиру ҷавон.
Бихонӣ ба некӣ китобе агар,
Туро мешавад ёвару ҳамсафар,
Ҷавонӣ, миёнсол, ё марди пир,
Зи анвори дониш бигардӣ ту сер.
Қадам ҷонибп маърифат мон ҷасур,
Диҳад чеҳраат равшанӣ ҳамчу нур.
Бихонӣ, шавӣ ошиқу меҳрубон,
Вафодори ту мешавад ҷовидон.

Бувад бе китоб асли инсон тиҳӣ,
Зи майдони холӣ чӣ ҳосил диҳӣ?!
Намонад амон то абад санги гӯр,
Шавад нақши рӯяш ба як рӯз кӯр.
Вале сатри ҳар як китоби асил
Бимонад ба дилҳо абад, бегусил.

* * *

Хонае, ки андар ӯ набвад китоб,
Душманию кина бошад беҳисоб.
Гар китобе чун ба ҳар як хона аст,
Аҳриман дар гарданаш завлона аст.
Одамеро, ки намехонад китоб,
Доимо андешаву фикраш хароб.
Ҳар касе кам хонда бошад ӯ китоб,
Вақти тангӣ мешавад дар изтироб.
Баҳра бардорад касе гар аз китоб,
Баҳру дарёҳо кунад дар зарфи об.
Ҳар касеро, ки намехонад китоб,
Фикру афкору раҳи кораш хароб.
Мустаманду хаставу зору ғариб,
Қалби ӯ сангину бошад бенасиб
Ин суханҳо гуфта дар васфи китоб
Бар шумо Сармад намояд ин хитоб:
Ман намирам, то даме бошад китоб,
Беназирам, ҳамдаме бошад китоб.

## МЕҲРИ КИТОБ

Ман фидои мардуми соҳибдилам,
Ошиқи ҳар мисрае аз Бедилам.
Дар хати авроқи дафтарҳои ман
Бас нуҳуфта сӯзиши дарди дилам.
Бе қалам, бе дафтару бе шеъри тар
Моҳие афтода андар соҳилам.

Доимо дар пеши бар дорам китоб,
Равшанӣ бахшад ба роҳу манзилам.
Доимо бошад ба ман ҳамрози дил,
Дар гаҳи хурсандию дар мушкилам.
Дил фараҳ ёбад зи дунёи китоб,
Ҳар гаҳе бо шоирон дар маҳфилам.
Менамоям ман ҳамеша ифтихор,
Бо ватандорони марду фозилам.
Мекунам нангу надомат доимо,
Аз рафиқи нокасу ноқобилам.
Гар касе дорад ба дил кину ҳасад,
Ман ба рағми душманонам одилам.
Пурсадам: Сармад, чӣ дорӣ аз китоб,
Гӯямаш: Пайванд бар обу гилам.

## СУРУДИ ГУМРУКЧИЁН

Аз шукуфоии ин диёр
Доимо мекунем ифтихор.
Афсари содиқи гумрукем,
Баҳри ҳифзи Ватан ҷоннисор.

Парчами гумрукӣ парфишон,
Номи Модар-Ватан бар забон.
Ҳомии иқтисоди Ватан
Афсари гумруки тоҷикон.

Ҳомии марзу буми диёр,
Рӯзу шаб доимо дар қатор.
Ҷовидон баҳри мо дар умур,
Хидмати гумрукӣ ифтихор.

Парчами гумрукӣ парфишон,
Номи Модар-Ватан бар забон.
Ҳомии иқтисоди Ватан,
Афсари гумруки тоҷикон.

Амниятро нигаҳбон шавем,
Ҳомии бахти инсон шавем.
Баҳри ободии ин Ватан
Мо ҳама як тану ҷон шавем.

Парчами гумрукӣ парфишон,
Номи Модар-Ватан бар забон.
Ҳомии иқтисоди Ватан,
Афсари гумруки тоҷикон.

## ИДИ ГУМРУКЧӢ МУБОРАК!

Бо фараҳмандӣ ҳамегӯям сухан,
Ин суханҳо аз самими қалб ман,
Бар ҳама гумрукчиёни бошараф
Иди гумрукчӣ муборак, ҳамватан.

То ки бошад номи гумрук бегазанд.
То ки бошад аҳли гумрук сарбаланд,
Бо ватандорию бо мардонагӣ
Хизмати Меҳан кунем дар ин раванд.

Дар ҳавои барфу боронию сард,
Дар миёни обу лою хоку гард
Баҳри амну иқтисоди ин Ватан
Бо ҳама қаллобу раҳзан дар набард.

Аз барои хуррамии одамон
Бастаам пеши раҳи «марги равон».
Гашта садде пеши роҳи «гераин»,
Зиндагӣ бахшам ба ҳар пиру ҷавон.

Баҳри ободии ин мулку макон,
Сарзамини пурсахои тоҷикон
Карда иҷро нақшаи боҷу хироҷ,
Номи гумрукчӣ кунам вирди забон.

Сад шавам пеши раҳи қочоқро,
Пеши роҳи нокасу нопокро.
Мекунам рахшанда андар ин умур
Ахтари нурафкани афлокро.

Касби ман гумрукчию ман Афсарам,
Посбони марзу буми кишварам.
Баҳри озодию сулҳу ваҳдаташ,
Гар шавад лозим, диҳам ҷону сарам.

## СУРУДИ ДОРУСОЗОН

Сафои ту чу хилъати сафеди мо бувад,
Бақои ту чу мазраи умеди мо бувад.
Шукӯҳи Парчаму дурахши ин Нишони ту
Умеди неки мо, чу моҳу шеди мо бувад.

Барои ин Ватан ҳама чу ҷону тан шавем,
Давои дарди мардумони ин Ватан шавем.

Ватан, ба кас даво бувад гулу гиёҳи ту,
Табобати маризҳо зи гарди роҳи ту.
Зи санги кӯҳи ту расад ба одамон шифо,
Зи хоку обу оташу зи шеду моҳи ту.

Барои ин Ватан ҳама чу ҷону тан шавем,
Давои дарди мардумони ин Ватан шавем.

Ватан, ба захму дардҳои ту даво шавем,
Фидо ба номи Миллату ба Пешво шавем.
Бикарда ихтирои ҳар давои нав ба нав,
Ба дарди мардумони даҳр ҳамнаво шавем.

Барои ин Ватан ҳама чу ҷону тан шавем,
Давои дарди мардумони ин Ватан шавем.

## ҚАСИДАИ ДИЛ

Баҳри таскини ғаму ороми дил
Менависам қиссае бо номи дил.
То ки созам тоза дил аз бухлу кин,
Бар шумо низ ин таманноям чунин.
Офарида он Худои бениёз
Бандагонро махзани илҳому роз.
Офарида баҳри мо аз обу гил
Пайкари зебову чашму гӯшу дил.
Гарчи дил андар даруни парда аст,
Хислати дилро ба ҳар гун кардааст.
Бахш кард ӯ қалби моро ному нанг,
Карда дилҳои гурӯҳеро чу санг.
Шодию ғам дар дили мо офарид,
Ғофилию тарси беҷо офарид.
Он яке дар зиндагонӣ хастаҳол,
Дигаре аз макри қисмат гашта лол.
Он яке бошад ба мардум меҳрубон,
Бухлу кина дар дили бархе ниҳон.
Огаҳ аст аз рози қалби мо Худо,
Ӯ набошад аз дили мардум ҷудо.
Дар диле ки гар набошад эътиқод,
Огаҳӣ дорад Худо аз он ниҳод.
Қалби ман қиматтарин аз моли ман,
Чун гувоҳи қисмату аҳволи ман.
Гарчи дил як пораву қисми ман аст,
Пора не, пайванди ин ҷисми ман аст,
Ҳар амал созам чу бо фармони дил,
Ҳар қадар бошад агар имкони дил.
Ҳар марому мақсади мо дар дил аст,
Варна, ин пайванди ҷисми мо гил аст.
Сирри дил ҳаргиз наёяд бар забон.
То ба охир монад он андар ниҳон.
Карда холӣ ботинам аз заҳри дил,
Гуфтаам ман ин суханҳо баҳри дил.

Ҳар киро дар дил бувад беҳад ғараз,
Оқибат аз по фитад бо ин мараз.
Пеш аз он ки меравӣ бар зери хок,
Тавба бинмову бирав бо қалби пок.

## ЛАРЗАИ ЗАМИН

Бар нокасию бешарафӣ нафрати афзун
Ин олами ғамдида пур аз фитнаву кин аст
Бин, меҳру вафо рафта кунун аз дили мардум,
З-ин фитнаву кин ларза ба андоми замин аст.
Аз моли ҷаҳон пур нашавад чашми сари мо,
Доим паси сар нафси ҳароме ба камин аст.
Ин неку бадӣ дода баробар ба ману ту,
Аз рӯзи азал қисмати пешонӣ ҳамин аст.
Дурӣ бикунам аз ҳама пастиву бадӣ, лек
Сармад, чӣ кунам, решаи бунёди тан ин аст.

## ДАР ҲАСРАТИ ДИДОР

Бар хотири он хона, ки паймона шикастам,
Паймона ман аз хотири он хона шикастам.
Аз хона бурун рафтаму бар хона нишастам,
Паймонаи май дар дари майхона шикастам.
Бо ёди руху хонаи ту ман шабу рӯзон,
Парвонасифат пар ба рухи шуъла чи сӯзон.
Парсӯхта парвонаи бар гирди чароғам,
Афсӯс, ки боре нарасидӣ ба суроғам.
Дар ҳасрати он хона ҳаме дар ғаму оҳам,
Равшан бинамо сӯи ҳарам дидаву роҳам.
То сӯи ҳарам ояму дидор бубинам,
Дидору ҷамолу рухи он ёр бубинам.
Ман бори дигар ҷониби он хона бикӯшам,
То дур кунам ин ҳама сарбор зи дӯшам.
Бар даргаҳат, эй дӯст, ҳамин арзу ниёзам,
Бо тозагӣ то зиндагии тоза бисозам.

## ХОҲАД МОНД

*Баъди ману ту арзу само хоҳад монд,*
*Гарданда ҷаҳон чархи фано хоҳад монд.*

Баъди сари мову ту ҷаҳон хоҳад монд,
Хуршеду замину осмон хоҳад монд.
Эй дӯст, ҳар он амал ки дорӣ ба ҷаҳон,
Ҳар неку баде зи ман нишон хоҳад монд.
Ҳар он чи кунӣ амал дар ин даҳри дудар,
Дорӣ чӣ амал, аз ту ҳамон хоҳад монд.
Гарчанд кушодаам ҳама уқдаи дил,
Сирри дили ман ҳама ниҳон хоҳад монд.
Эй дӯст, равонаем аз ин даҳри фано,
Дарё ки равон аст, равон хоҳад монд.
Бар одамият дар ин ҷаҳон кину ҳасад,
Ҳам фитнаи байни мардумон хоҳад монд.
Рӯҳи ману ту бирафта бар сӯи само,
Ҳамроҳи сипеҳру ахтарон хоҳад монд.
Бар мансабу молу зиндагӣ меҳр мабанд,
Молу зари ту ба мардумон хоҳад монд.
Ин кинаву ҳасрату хусумат умре
Чун захри дили нохалафон хоҳад монд.

## ЧОРСӮ

Фитода дар миёни чорсӯям,
Раҳи чанде бувад дар рӯ ба рӯям,
Яке роҳе ба сӯи нахсу мастӣ,
Раҳи дигар барад бар сӯи ҳастӣ.
Яке бар ҷониби эъзозу эҷод,
Раҳи дигар диҳад умри ту бар бод.
Раҳе рушду нумӯи зиндагонӣ,
Ба роҳи каҷ равӣ, дар гил бимонӣ.
Агарчи дар миёни чорсӯям,
Ба ғайри роҳи некӣ раҳ напӯям.

## ЁДИ ОН ФАРХУНДАДАВРОН

Як замон андар диёри Моғиён
Кӯдаке будам миёни мардумон.
Бехабар аз хосу оми зиндагӣ,
Зиндагӣ кардам ба номи зиндагӣ.
Модари ҷон буд балогардони ман,
Ҳам падар буд қуввату дармони ман.
Дар канори гарму нарми волидон
Мешудам дар сарду гармӣ ман калон.
Панди некӯ бишнавида аз падар,
Меҳри модар бар сарам шому саҳар.
Монда дар дил он хаёли кӯдакӣ
Ҳамчу шеъри безаволи Рӯдакӣ.
Рафта берун аз канори волидон,
Кӯдакӣ рафту бигаштам ман ҷавон.
Ҳамчу маҷрои равони рӯди деҳ
Рафта аз ман он ҳама айёми беҳ.

## ФАРДОИ ЗИНДАГӢ

Андар канору домани зебои зиндагӣ
Ман зиндаам ба хотири фардои зиндагӣ.
Чун турнаи муҳоҷире андар ғарибиҳо
Пар мезанам ба водии паҳнои зиндагӣ.
Аз баҳри рӯзӣ канда ҷон аз субҳ то ба шом,
Ранҷе барам ба хотири савдои зиндагӣ,
Мастона по ниҳода андар арсаи ҳаёт,
Кулли вуҷудам волаву шайдои зиндагӣ.
Чун нахли сабзи зиндагӣ, Сармад шукуфтаам,
Дар сахтиҳову сардиву гармои зиндагӣ.

## БА МОДАР

Аё модар маро ту ибтидоӣ,
Ба роҳи зиндагонӣ раҳнамоӣ.
Миёни мавҷҳои зиндагонӣ
Манам чун киштиву ту нохудоӣ[1].
Забон бо номи ту оғоз гардад,
Забони модариро мубтадоӣ.
Дар ин шебу фарози зиндагонӣ,
Барои ман ту доим раҳкушоӣ.
Сароям васфи ту, ай модари ҷон,
Ба ин шеъри тарам ту ҳамнавоӣ.

## БА ЗАН-МОДАР

Туӣ, эй зан, китоби зиндагонӣ,
Китоби рангаи пур аз маонӣ.
Ту ҳастӣ ибтидои насли одам,
Чу як сарчашмае дар рӯи олам.
Ба қалби мо ту чун нуру сафоӣ,
Ту чун сарчашмаи меҳру вафоӣ.
Сиришти мо бувад пайвастаи ту,
Ба ҷисми меҳрубони хастаи ту.
Барои ту ҳама ҷону ҷигарбанд,
Чу модарро ҳама ҳастем фарзанд.
Ту монанди сутуни осмонӣ,
Баподорандаи ҳар хонадонӣ.
Туӣ модар, туӣ хоҳар, туӣ зан,
Чароғи хонадону маҳфили ман.
Ту чун гаҳвораҷунбони заминӣ,
Ҳаёти насли одамро аминӣ.
Туӣ модар, туӣ хоҳар, ту эй зан,
Барои ман ҳамеша беҳтаринӣ.

---

[1] киштибон, киштирон

Ту ҳастӣ чун китоби пурмаъонӣ,
Чароғи равшани ҳар хонадонӣ.
Аё модар, аё эй мазҳари ишқ,
Ҳамеша баҳри мо ҷовид монӣ.

## БА ЗАН

Шавад девона аз макри ту оқил,
Ниҳад сар пеши поят марди ҷоҳил.
Ба ёди соғари лаъли лабонат
Чу мурғи ташнаам дар назди соҳил
Туӣ, эй зан, китоби пурмаъонӣ,
Нахонад ҳаргиз онро марди коҳил.
Надонад қадри ишқу зиндагонӣ,
Касе, ки монда аз васли ту ғофил.
Дилашро дода Сармад баҳри занҳо,
Ба худ дармонда акнун зору бедил.

## АСРОРИ ЗИНДАГӢ

Сано гӯям касеро, ки дили оинасон дорад,
Агарчи зиллате аз нокасони баддаҳон дорад.
Мабин оинаро ҳаргиз бар ин покизарӯиҳо,
Чӣ асрорею рамзу розҳое дар ниҳон дорад.
Шикорӣ рӯзи маргаш пеши сайёди аҷал ҳеҷ аст,
Агарчи дар бараш ӯ доимо тиру камон дорад.
Шуури одамият дода бар мо маснади воло,
Вагарна, мӯр ҳам андар бадан мисли ту ҷон дорад.
Зи молу сарвати олам нагардад чашми одам сер,
Шикампарварда доим дар сари худ фикри нон дорад.
Чӣ парвое аз ин моли ҷаҳон бар чашми сери ман,
Дилам аз фитнаи дунёи фонӣ бас фиғон дорад.
Суханчину хабаркашро бувад ин одати доим,
Ки саг аз хоҷааш доим умеди устухон дорад.

Чаро ин нокасон чун пода дар олам парешонанд,
Ки ҳар як подае андар сари худ подабон дорад.
Чаро ғам мехурӣ, Сармад, ту аз ин фитнаи дунё,
Бирав, он нокасеро бин, чӣ парвои ҷаҳон дорад.

## АГАР ФИКРИ ДИГАР ДОРӢ

Зи дасти зиндагонӣ доимо хуни ҷигар дорӣ,
Шавад шомат сияҳ ҳар гаҳ, умеде бар саҳар дорӣ.
Зи ёри хуб агар дар зиндагӣ нуру шарар бошад,
Шабу рӯзат бувад яксон, чу ёри бадгуҳар дорӣ.
Дар ин дунёи дун ҳаргиз набошад одамӣ ҷовид,
Бимонад ҷовидон номат, агар некӯ писар дорӣ.
Ба он дунё нахоҳӣ бурд аз ин молу аз ин сарват,
Агарчанде тамоми молу сарватро ба бар дорӣ.
Зи бадкорӣ набошад одамиятро ягон суде,
Бикун некӣ, тавону қудрате, ки ҳар қадар дорӣ.
Тамоми маънии дунёиро дар ин ғазал гуфтам,
Бигӯ, Сармад, агар дар сар ягон фикри дигар дорӣ.

## ШУКРОНА

Ахтарон, эй ахтарони осмон,
Ахтарони нимашабҳо посбон.
Абрҳо ҳамчун саманди бодпой,
Бар сари мо фасли гармо соябон.
Равшанию меҳр мебахшад ба мо
Моҳу хуршеди равонбахшо ҷаҳон.
Гарму сарди ин канори зиндагӣ
Рӯзу шаб лозим бувад аз баҳрамон.
Мекунам шукрона, Сармад, з-ин ҳама,
Ҳар чӣ дар қисмат бувад моро ҳамон.

## КОХИ ҲУНАР

*Эҳдо ба Ҳошим Гадо*
*Ҳунарманди халқии Иттиҳоди Шӯравӣ*

Як замон аз саҳнаи кохи ҳунар
Баҳри худ дарёфтам ман «кони зар».
Саҳна ҳамчун саҳнагоҳи зиндагӣ
Менамудӣ ҳамчу роҳи зиндагӣ.
Чун ҳаводоре ба эҷодаш манам,
Ларза ояд бар сару ҷону танам.
Ларза ояд аз фиғони талхи ӯ,
Аз Бухорову зи Шому Балхи ӯ.
Саҳна дардолуду пур аз оҳу ғам,
Чеҳраи бинандагон пуробу нам.
Дар миёни саҳнаи кохи ҳунар
Ӯ дигар буду дигар ҳасту дигар.
Саҳна холӣ, зол холӣ, ҷоҳ ҳам,
Қалбҳои мардуми бадхоҳ ҳам.
Холӣ он золу дару даргоҳи он,
Ҷои эҷоду баромадгоҳи он.
Гарчи «Эдип» карда тасхири ҷаҳон,
Номи Ҳошимро ҳаме бар ҷовидон.
«Шоҳ Лир»-аш ин замон вомондааст,
Аспи Рустам дигар аз по мондааст.
Ҳаст Суҳробаш ҳаме чашминтизор
Дар раҳи он «нӯшдору» чашми чор.
Рӯдакиро чашмаш аз нав кӯр шуд,
Оби ҷӯи Мӯлиёнаш шӯр шуд.
Зиндагӣ монанди дарё даргузар,
Ҷовидон монад вале кохи ҳунар.
Гарчи гашта мӯи сар ӯро сафед,
Ӯ набошад з-ин ҳама бас ноумед.
Кӯлбораш доимо пур аз китоб,
Рӯзу шабҳо ӯ надорад чашми хоб.

Ҷои саҳна ҳамдамаш бошад қалам,
Менависад аз муҳаббат, аз алам.
Ҳошимо, доим ту бошӣ сарбаланд,
Шуҳрату иқболи ту бошад дучанд!

## ШОҲИ ХУБОН

*Эҳдо ба шоираи Эронзамин – Марями Замондон*

Дар хати абрӯи моҳат хуфта сад асрори ту,
Шаккарину пурмаъонӣ лаҳни хушгуфтори ту.
Марямо, ин қадди мавзун – рашки сарви Исфаҳон,
Ман сано гӯям ба он суратгару меъмори ту.
Килки эҷодат ҳаме андар дабистони хирад
Менависад дафтари шеъри тару афкори ту.
Маънии шеъри дарию форсию тоҷикӣ,
Ин ҳама меҳри Аҷам бинҳуфта дар пиндори ту.
Шеъри нобат инъикоси вожаҳои зиндагӣ,
Дар гулистони адаб зебад гули бехори ту.
Дар кафам дурдонаҳои ашки Марям, аз Худо
Ман бихоҳам равнақу авҷу барори кори ту.
То ки дар ин дилсаро бошӣ шукуфон умрбод,
Боғбонӣ мекунам дар боғу дар гулзори ту.
Бар ту бахшидам ғазал ман аз нигористони дил,
Ҳамчу як гулбуттае бар гулшани бехори ту.
Ин суханҳои накӯ гуфтам ба ту аз шавқи дил,
Тарсам, аз он ки биёяд қаҳру рашки ёри ту.
Гар бихоҳад бар дили ту рахна созад нокасе,
Афсарам, бал посбонам бар дару девори ту.
Баски Марям баргузида як замон Яздони пок,
Сарнагун бодо ҳамеша душмани беори ту!
Шоирам, ман Сармади шӯридаву овораам,
Шоҳи хубонӣ туву ман шоири дарбори ту.

## РОҲИ НЕКӢ ҶУСТААМ

Чини рӯям нақшаи носозҳои зиндагӣ,
Шуд сафед ин мӯи сар аз розҳои зиндагӣ.
Ҳар кучо рафтам, бидидам нокасу маккораҳо,
Ҳам ғарибу нотавону бекасу бечораҳо.
З-ин ҳама ман хуни дил хӯрдам ба роҳи зиндагӣ,
Гарчи ҳастам худ ҳамеша дар паноҳи зиндагӣ.
Хуни дил хӯрдам ба марди рӯи раҳ афтодае,
Сӯхтам аз нокасиҳои каси бадзодае.
Нола кардам дар фироқи дидани рӯи падар,
Ҳам ба ёди модари раҳинтизору чашми тар.
Сӯхтам, ҳам сохтам, ҳам хоку хокистар шудам,
Аз ғами дунёи дун бемори дарди сар шудам.
Зиндагӣ чун саҳнаи кохи ҳунар будасту бас,
Ҳамчу абри навбаҳорон чашми тар будасту бас,
Ғам махур, Афсар, аз ин сӯзу ғами дунёи дун,
Оҳи ҳасрат каш, ҳама дарду ғамат ояд бурун.
Аз сафедиҳои мӯи сар кунун донистаам,
Рӯи олам ман ҳамеша роҳи некӣ ҷустаам.

## ИШҚИ ЗИНДАГӢ

Ҳастиям, кулли вуҷудам, ҳар қудумам ошиқ аст,
Мисраи шеърам давоми шеърҳои Лоиқ аст.
Ошиқам бар қудрату бар маснади он Ломакон,
Чунки ӯ бахшида моро ҷисму ҷон дар ин ҷаҳон.
Ошиқам бар шеъри Ҳофиз бо забони модарӣ,
Ҳам ба шевову равонияш ба фарҳанги дарӣ.
Ошиқам бар духтари зебои кокулдори деҳ,
Чунки гаштам ман калон андар бари куҳсори деҳ.
Ошиқам бар сабзаи наврустаи фасли баҳор,
Баъди сардиҳо диҳад ҷони маро рӯҳу мадор.
Ошиқам бар шуълаҳои ҷонфишони офтоб,
Ҷисми ман дар зери анвораш биёбад обу тоб.

Ошиқам бар ин ҳама созу садои зиндагӣ,
Ошиқе ҳастам ба роҳи бебаҳои зиндагӣ.
Ошиқам ман, ошиқам бар ин замину осмон,
Ошиқе, Сармад, чу ман ҳаргиз набошад дар ҷаҳон.

## НАШУД

Шуълаи ишқам мунаввар з-оҳи сӯзонам нашуд,
Нармии гирди лабонаш марҳами ҷонам нашуд.
Гарчи кардам нӯши ҷон аз соғари лаъли лабаш,
Мастиям мақбули он ёри сухандонам нашуд.
Аз ғами ишқаш шудам овора дар саҳрои ғам,
Бохабар ҳаргиз аз ин ҳоли парешонам нашуд.
Кардам иншо шеъру дастон, номаҳои ошиқӣ,
Дилпазир ин номаҳову шеъру дастонам нашуд.
Додам оташ номаҳои ошиқӣ бо сӯзи дил,
Лек равшан аз шарораш қасри вайронам нашуд.
Заҳри ишқашро чашидам, Сармад, аз ҷоми дилаш,
Ҷон ба лаб омад, валекин марг осонам нашуд.

## БА ТОҶИКСИТЕЗОН

Мазан санге ба номи поки тоҷик,
Маранҷон қалби сӯзишноки тоҷик,
Ки кӯрат мекунад рӯзе ба ногаҳ
Дуову обу нону хоки тоҷик.
Чаро бо кинаву бухлу адоват
Ту месозӣ сияҳ афлоки тоҷик?
Маҷусӣ ё яҳудӣ, ё насоро,
Надорӣ қувваи идроки тоҷик.
Агарчи косалеси дигаронӣ,
Бирақсӣ зери савту роки тоҷик.
Бузургонро бидорам зинда доим,
Манам он Афсари бебоки тоҷик.

## ВАТАНДОРӢ АЗ ИМОН АСТ

Ватандорӣ аз имон асту аз ахлоқи инсонӣ,
Мусофир гаштӣ ҳар гаҳ, он замон қадри ватан донӣ.
Мунофиқ ҳар кучое меравад, айби ватан ҷӯяд,
Замоне мешавад лаънатзада, инро ту медонӣ.
Ватанзоре, чу берӯву риё бо кину бадхоҳӣ
Занад санги маломат бар ватан пайдову пинҳонӣ.
Дилам хун мешавад, гар бишнавам аз ҳар маҳалбозе,
Бигӯяд ту ҳисорию ту хатлонӣ, бадахшонӣ.
Бигӯям бо сари боло ба сӯйи нохудогоҳон,
Ки ман як тоҷики бонангуор, авлоди Сомонӣ.
Маҳалбозӣ макун ҳаргиз, аё эй Сармади оқил,
Ки ин аъмоли нокасҳо зи бефаҳмию нодонӣ.

## ШАБИСТОНИ ХАЁЛ

Дар шабистони хаёлам гоҳ-гоҳу ҳар замон
Кӯдакиям ҳамчу руъё дар назар гардад аён.
Ёдам ояд кулчаҳои рӯи хони модарам,
Шири навдӯшидаву бӯи танӯру бӯи нон.
Ёдам ояд қиссаву афсонаҳои модарам,
Он канори гарми модар баҳри ман буд як ҷаҳон.
Карда ёде аз насиҳатҳои некӯи падар,
Ашки ҳасрат мешавад аз дидагони ман равон.
Ёдам ояд он замони кӯдакию беғамӣ,
Ёри кокулдору соҳилҳои рӯди деҳамон.
Менамудам ҷустуҷӯ он ёри кокулдори деҳ,
Рафта андар гӯшаи деҳ бегаҳиҳо ноаён.
Бехабар мондам, ки рафта мисли оби рӯди деҳ
Кӯдакиям ҳамчу шабҳои хаёлам ногаҳон.
Оҳи ҳасрат мекашам дар ҳасрати айёми нек,
То даме, ки зиндаам ман андар ин рӯи ҷаҳон.

То ба ҳоло кӯдакӣ андар вуҷудам гӯиё,
Гарчи рафта нисфи умрам, ман ҳамонам, ман ҳамон.
Ғам махур, Сармад, ки рафта кӯдакият бар абас,
Кӯдакӣ андар асарҳоят бимонад ҷовидон.

## АСРОРИ АЗАЛ

Олимеро гуфтамаш, дар роҳи дин
Одамиро чист наздику қарин?
Олим он дам дод бар ман ин ҷавоб,
–Хондаам инро ҳаме ман аз китоб.
Дар замину зери обу осмон,
Яккаву танҳову байни одамон.
Аз ҳама наздиктар бошад аҷал
Вақти хобу вақти хезу дар амал.
Он бувад наздиктар бар одамон,
Аз аҷал ҳаргиз набошӣ дар амон.
Он чи андар дафтари аъмоли мост,
Ибтидову интиҳову ҳоли мост.
Сабт бошад чун мукофоти амал,
То ба он рӯзе, ки меояд аҷал.

## МУРОҶИАТ БА НАШЪАҶАЛЛОБ

Бишнав аз ман ин суханҳо, аҳриман,
Кардаӣ олуда деҳу шаҳри ман.
Мефурӯшӣ заҳри қотил, нобакор,
Оқибат гардӣ ту ҳам нолону зор.
Кардаӣ бас кӯдакеро бепадар,
Нисфи дигар кардаӣ ту дар ба дар.
Хуни мардӣ дорӣ ар андар танат,
Омада вақти зи дунё рафтанат.
Бори дигар андаке андеша кун,
Тавба бинмою ту тарки пеша кун.

Ҳар чиро гуфта Худовандаш ҳаром,
Барманеҳ ҳаргиз ту дар ин ҷода гом.
Кардӣ ар аз баҳри мардум носазо,
Медиҳад рӯзе Худовандат ҷазо.
Хонумонат бар замин яксон шавад,
Кӯдаки ту бепадар, сарсон шавад.
Дасти худ бардор аз ин кори хато,
Варна, созӣ бар худат ҷавру ҷафо.
Мефурӯшӣ гераину ҳар гиёҳ,
Дар ду олам рӯи ту бошад сиёҳ.
Оқибат бошад пушаймонӣ, чӣ суд
Мурданат беҳ зери ин чархи кабуд.

## ЯК САРУ САД ХАЁЛ

Мушавваш сар, вале дар дил таманнои дигар дорам,
Хаёли дилбари соҳибҷамолеро ба сар дорам.
Гаҳе бар ёдам ояд он бути нозукхироми ман,
Ман андар ҳасраташ дар дил ғаму сӯзи ҷигар дорам.
Бисӯзам ҳамчу шамъе дар ғами парвона ман шабҳо,
Барорам дуди ғам аз сина умре, то саҳар дорам.
Ба олам ишқу маъшуқӣ ба ҷуз афсонае набвад,
Ман аз нокомии Маҷнун зи дуриҳо хабар дорам.
Надонад кас дар айёми ҷавонӣ қадри пириро,
Манам он Сармади дилхун,
зи ҳасрат чашми тар дорам,
Ки ин дунёи дун вайрона аст аз нокасии мо,
Ман аз он сифлагону нокасон доим ҳазар дорам.
Чӣ сӯзам ман, чӣ созам дар давоми умри кӯтоҳам,
Қазо ҳар қисмате бинвишта умрам, он қадар дорам.
Манам бечораву овораву дилпораву танҳо,
Аз ин дороии дунё ба ҷуз меҳрат магар дорам?
Сари болову қалби поку нангу ори мардона,
Чу шоҳини баландовозаи кӯҳу камар дорам.

## ДИЛАТ ХУРРАМ БОШАД

Ин рӯзу шабон гардиши олам бошад,
Ин шоми сияҳ тираву пурғам бошад.
Ин партави маҳ ба равзани хонаи ман
Монанди чароғи масрафаш кам бошад.
Дар ҳасрати рафтагони ин чархи фано
Дар чеҳраи шамъи хирагун нам бошад.
Пӯшида рухи моҳи мунир абри сияҳ,
Ин маҳ зи куҷо воқифи дардам бошад?
Аз зарраи зарби зарабони дили кас
Ҳар лаҳза кам аз ҳаёти одам бошад.
Чун нола ба гӯш мерасад шеваи бум,
Гӯё ки варо ҳамеша мотам бошад.
Сармад, ту махур ғами замони гузарон,
Бояд ки дилат ҳамеша хуррам бошад.

## НЕКӢ АНДАР ИН ҶАҲОН МОНАД

Дили шӯридаи шоир ба баҳри бекарон монад,
Ҳама эҷоди шоир дар дилу андар забон монад.
Чароғе нимашаб месӯзад андар кулбаи шоир,
Қалам дар каф, хаёлаш ҷониби исторагон монад.
Либоси одамӣ гар куҳна шуд, фарсуда мегардад,
Вале аъмоли неки одамият ҷовидон монад.
Агарчи ёри ҷонӣ медиҳад ҷон аз барои ту,
Валекин сирру асрори дилаш доим ниҳон монад.
Баландиҳои мансаб оқибат орад ба пастиҳо,
Аз ин боло париданҳо фақат оҳу фиғон монад.
Гадою нокасе аз моли мардум чун шавад доро,
Агарчи хилъаташ зебо, вале ботин ҳамон монад.
Тамоми сарвату ганҷ ин ҳама назди аҷал ҳеҷ аст,
Ки аз дасти аҷал шоҳу гадо ҳам нотавон монад.
Ба доно хуни дил хӯрдан, ба аблаҳ бекафан мурдан,
Ҳамеша хислати ноодамӣ бар нокасон монад.

Манам як шоири шӯридаву дилдодаву ошиқ,
Садои қалби пурхунам ба мардум ноаён монад.
Накӯйӣ кун, аё Сармад, барои мардуми олам,
Ки аз аъмоли одам некӣ андар ин ҷаҳон монад.

## ҚАДРИ ЗИНДАГӢ

Ҳамчу реги шишасоат умри мо поён равад,
Ҳамраҳи ҳар зарра гӯё аз тани мо ҷон равад.
Набзи ҷон сангин бувад аз баҳри насли одамӣ,
Ҳар кӣ бошад марди солеҳ, ҷони ӯ осон равад.
Рӯйи олам пур шуда аз фитнаву аъмоли бад,
Хуш ба ҳоли он касе, к-аз даҳр бо имон равад.
Кам шуда одамгарию иффату покизагӣ,
Ҳар касе бояд зи олам ҳамчу як инсон равад.
Одамӣ аз баҳри ризқи аҳлу фарзандони хеш
Ҳар сабоҳ аз баҳри рӯзияш ба користон равад.
То ки андар фасли сармо хонаҳо набвад хунук,
Марди деҳқон бо табар бар сӯйи боғистон равад.
Тавба гӯяд Сармади шӯрида ҳар шому саҳар,
Ҳар гаҳе баҳри зиёрат бар мазористон равад.

## ИТОБ

Шоироне ба ҷаҳон Ҳофизу Сино додем,
Маснавию ғазалу шеъри тавоно додем.
Турки Шероз ба лутфаш дили Ҳофиз нарабуд,
Мо Самарқанду Бухоро ба дигарҳо додем.
Душмани хонагадо хонаву айвонам сӯхт,
Гарчи андар васати хонаи худ ҷо додем.
Сӯхт он дафтару девони ниёгони маро,
Гарчи мо дафтару девон ба онҳо додем.
Гарчи қисмат натавон сохт ба дасти дигарон,
Ҳисса бар мазраи ободи Ватан мо додем.

Гарчи мо зоҳиду саҷҷодапарастем яқин,
Дӯш саҷҷода ба як соғару мино додем.
Як сари мӯй надониста зи Қуръону ҳадис,
Нафсро рӯи ҷаҳон маснади воло додем.
Сармадо, ту ғами бисёр махур беҳуда,
Меҳри дилро ба ҳама мо ба таманно додем.

## ШАРОРАИ УМЕД

Ойинаи чашмонат хуршеди саҳар дорад,
Ин лаъли лабони ту ҳалвои шакар дорад.
Дар шишаи чашмонат ман акси рухам дидам,
Бар чеҳраи зебоят хуршед назар дорад.
Аз бозии чашмонат ҳар гаҳ бишавам мадҳуш,
Ин шуълаи чашмонат чун шамс шарар дорад.
Аз ҳарфу суханҳоят андеша намо доим,
Ин гуна суханбозӣ бар ман ки асар дорад.
Арзанда ба корат шав, содиқ ту ба ёрат шав,
К-андар раҳи дуродур ӯ азми сафар дорад.
Ҳангома макун ҳаргиз бар шӯру шари дунё,
Ҳангомаи беҳуда осебу зарар дорад.
Аз хоб шавӣ бедор, уммед ба фардо кун,
Ҳар шохаи сабзида уммеди самар дорад.
Дар тирамаҳон гулҳо майле ба хазон доранд,
Гулбуттаи наврӯид гулғунчаи тар дорад.
Аз шӯру шари дунё ҳар кас ба фиғон ояд,
Ин Сармади шӯрида ҳангома ба сар дорад.

## ДЕВОРИ БУХОРО

*Дар сӯги Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ*

Порае аз хишти девори Бухоро кам бишуд,
Номи некаш дар қатори рафтагорон зам бишуд.
Новазида аз Бухоро ҷонибаш боди висол,
Мӯҷиби марги Шакурӣ, эй азизон, ғам бишуд.

Модари эронию тоҷик сӯгаш дар фиғон,
Модари афғон ба сӯзу ҳасрату мотам бишуд.
Аз Душанбе то ба Кобул, аз Бухоро то ба Рай,
Дар «Хуросони Бузург»-аш чашми мардум
нам бишуд.
Рӯҳи покаш дар самовоти абад маъво гирифт,
Ҳамчу тоат сӯи девори Бухоро хам бишуд.

## САДОИ ЗАНГ

Аз садои занги охир захма бар дил мерасад,
Бар хаёлам лаҳзаи айёми хушдил мерасад.
Лаҳзаҳои охирини навбаҳори кӯдакӣ
Ҳамчу шеъри Ҳофизу Хайёму Бедил мерасад.
То баландӣ ёбӣ андар олами дору мадор,
Қоматат гардида хам, пойи ту бар гил мерасад.
Баъди мактаб мешавӣ чун мустақил дар зиндагӣ,
Даври бепарвоӣ рафта, даври мушкил мерасад.
Гар равӣ бар роҳи дур андар канори зиндагӣ,
Бар хаёлат ёди мактаб, ёри ҳамдил мерасад.
Бар ҷавонӣ чун расӣ, шукронаи пирӣ намо,
Тири сайёди аҷал бар сайди бисмил мерасад.
Бар баландиҳо расидӣ, ҷониби пастӣ нигар,
Мавҷи дарё доимо бар марзи соҳил мерасад.
Занги охир охирин набвад ба мо дар зиндагӣ,
Аз азал бонги аҷал бар марди коҳил мерасад.
Гӯши худ кар кун ту, Сармад, вақти занги охирин,
Охирин зангу садо бар гӯши қобил мерасад.

## ЁДИ ОН АЙЁМИ НЕКӮ

Баччагиям дар бари домони модар буд аҷаб,
Ҳам қатори ҷӯраҳоям Хушдилу Маҳмадраҷаб.
Фахридин буд байни мо беҳад шафиқу меҳрубон,
Сактаи дил даррабуд ӯро зи дунё ногаҳон.

Ҳам Шарифу Холиқул аз ҷӯраҳои кӯдакӣ,
Монда андар ёди ман чун байтҳои Рӯдакӣ,
Ёдам ояд ёлаҳои ағбаи Гандумгиёҳ,
Давдавон бар пасту боло мо ҳама шому пагоҳ.
Давдавон андар фарозу пуштаҳо ғалтон будем,
Буд яке ҳайрону сарсон, дигаре хандон будем.
Ҳамчу оби чакраҳои резабориони баҳор,
Аз ғаму шодӣ ҳамеша ашки мо мешуд қатор.
Лек, афсӯсу надомат, эй азизони дилам,
Ҳамчу рӯди рафта аз маҷрои ҳар ду соҳилам.
Ҳамчу абри тирамоҳӣ дар қатори турнаҳо,
Кӯдакию даври тифлӣ ҳамчу дурри бебаҳо.
Рафта аз мо бо ҳама нуру зиёву хуррамӣ,
Тифлию ҳангомаву ҳам беғашию беғамӣ.
Рафта он айёми некӯ то ба рӯзи доварӣ,
Буд чу хобе, ё ки руъё, ман надорам боваре.
Ғам махур, Сармад, агар бар ин наёяд боварат,
Кӯдакият монда андар дафтари шеъри тарат.

## ЁДИ КӮДАКӢ

Гашта мафтуну фидои рӯи ту,
Менамудам ман назар бар сӯи ту.
Бо хаёли ишқи поки кӯдакӣ
Мешуморидам қатори мӯи ту.
Бехабар мондему умри мо гузашт,
Ман кунун афтода дур аз кӯи ту.
Ёдам ояд лаҳзаҳои дилнишин,
Хам - хами печидаи гесӯи ту.
Пеши чашмонам чу руъё доимо
Зулфи райҳону хати абрӯи ту.
Илтиҷо созам насими субҳдам,
То биёрад бар димоғам бӯи ту.
Ё ки бошӣ доимо андар барам,
Сар гузорам боз дар паҳлӯи ту.

## ЁДИ ТИФЛӢ

Кӯдакиям дар бари домони модар буд дигар,
Пурфараҳ буд баччагиям андар оғӯши падар.
Чашми дил сер аз муҳаббатҳои онон доимо,
Нони қаймоқӣ ба рӯи хони ман буд ҳар саҳар.
Гар ба сӯи хонадонам ҳар сафар меомадам,
Мебаровардам зи хурсандӣ ту гӯӣ болу пар.
Лек, афсӯсу надомат, бехабар будам, ки рафт,
Он замони беҳтаринро ман куҷо ёбам дигар?!
Рафта бас, Сармад, азизони дил аз дори фано,
Навбати ман ҳам биёяд, мекунам азми сафар.

## ЁДИ ГУЗАШТА

Ба ёд ояд маро шабҳои бехобии боронӣ
Миёни чордевори падар айёми нодонӣ.
Канори сандалии оташи хокистараш хомӯш
Аҷаб кайфияте буд он замон, инро чӣ медонӣ.
Шунида қиссаву афсонаҳои модари ширин
Гаҳе аз Хусраву Маҷнун, гаҳе аз лутфи Зоконӣ.
Хаёлан аз паси мурғи ҳумо парвоз бинмуда,
Гаҳе дар қуллаи Давричу гаҳ Пастоки поёнӣ[1].
Ба ёди рафтагони ормонӣ аз пайи қисмат
Будам дилхуну чашмам нам, гаҳе руъёву пинҳонӣ.
Агарчанде ки буд дороии ман кулбаи модар,
Бароям будааст он давра чун айёми султонӣ.
Кунун ки гаштаам дур аз канори олами тифлӣ,
Надорам чорае, аммо намесозам пушаймонӣ.
Ба мӯйи сар сафедӣ – ин нишони давраи пирӣ,
Вале қалби ҷавон дорам, фақат инро ту медонӣ.
Надорад чорае дигар, вале ин Сармади дилхун
Кунун дар хоб мебинад: гузашт айёми сарсонӣ.

[1] номи кӯҳ дар зодгоҳи шоир

## ҶАВОНӢ ЁДАМ ОМАД

Лаби дарё ҷавонӣ ёдам омад,
Баҳори зиндагонӣ ёдам омад.
Зи шаффофии рӯди софу ором
Нигоҳи ёри ҷонӣ ёдам омад.
Лаби дарёи деҳа ҷониби ёр
Нигаҳҳои ниҳонӣ ёдам омад.
Ҷавонии гузашта мисли дарё
Ба сад нуру маъонӣ ёдам омад.
Қатори хотироти кӯдакона
Зи «ҷангу қаҳрамонӣ» ёдам омад.
Равон гардида ашкам мисли дарё,
Ғами дунёи фонӣ ёдам омад.
Шудам хушҳолу кардам ман табассум,
Чу аз сулҳу амонӣ ёдам омад.
Бирав, Сармад, шунав овози дарё,
Зи дарё ҷовидонӣ ёдам омад.

## ДУОИ БОБО

Шукр Эзадро, ки ман бобо шудам,
Соҳиби шаҳбаччаи зебо шудам.
Эй Худовандо, аё эй Кирдгор,
Соҳиби дунёву ҳар як кирду кор,
Аз ту хоҳам баҳри ӯ умри дароз,
То ки бошад байни мардум сарфароз.
Хоҳамаш, то кошифи Кайҳон шавад,
Бохабар аз илму аз Қуръон шавад.
Хоҳамаш пайваста бошад сарбаланд,
Инчунин, ҳаргиз наёбад ӯ газанд.
Доимо Сармад барад дасти дуо:
Аз ҳама офат нигаҳ дораш, Худо.

## УМҚИ ХАЁЛ

Гулхонаи рухсорат дар умқи хаёлам монд,
Дар марзи дили покат нашкуфта ниҳолам монд.
Паймонаи пур аз ғам чун номаи нохонда,
Сӯзу ғами ишқи ту мерос чу молам монд.
Дар гулхани ишқи ту бирёну кабобам ман,
Дар шуълаи шамъи ту хокистари болам монд.
Чун ҳезуми чӯби тар дар оташи ишқи ту
Хокистари меҳри ман аз оҳу вуболам монд.
Ман тарки ту месозам охир ба парешонӣ,
Афсона зи ишқи мо рӯи ҳама олам монд.
Бо қадди алифосо солору ҷавон будам,
Чун рафта ҷавониям, ин қомати долам монд.
Авроқ ҳаме гулгун бо ашки қалам кардам,
Танҳо қаламу дафтар огоҳ зи ҳолам монд.
Хуршед ба зери меғ[1], олам бишавад торик,
Чун шоми сияҳ бар ман аз рӯзи заволам монд.
Сармад, нашавӣ расво, рози дили худ макшо,
Гуфтори забони ман дар ишқи ту лолам монд.

## ПОДОШИ АМАЛ

Ҳар гаҳе чун бар тани мо кандани ҷон мерасад,
Ҳастии дунёи дун он дам ба поён мерасад.
Ин ҳама ташвишу роҳатҳо канори зиндагӣ
Зери ин даҳри фано охир ба сомон мерасад.
Чун шавад паймона пур, дармерасад дасти аҷал,
Бар гадою шоҳу ҳам габру мусулмон мерасад.
Марди тақвову саховатпешаро ҳангоми марг
Қисматаш аъмоли неку хатми Қуръон мерасад.

---

[1] абри сиёҳ, абр

Бар суханчину қабеҳу мардумозору разил
Дафтари аъмоли ӯ бо оҳу афғон мерасад.
Дар ғами фарзанди одам мечакад ашки само,
Пас, куҷо абри гузар бар қадри борон мерасад?
Наъраи тундар ба гӯши одамият доимо
Ҳамчу фарёди фалак аз сӯи Кайҳон мерасад.
Сармадо, аз бахри мардум хайру некӣ пеша кун,
Ҳар амал дорӣ дар ин дунё, туро он мерасад.
Ғам махур, Афсар, ту аз дилсардии дунёи дун,
Баъди сармо доимо фасли баҳорон мерасад.

## МИСРАИ ШЕЪРИ ТАРИ МАН БУДӢ

Як замон ҳамнафасу ҳамсафари ман будӣ,
Рӯзу шаб дар дилу андар назари ман будӣ.
Гарчи ман бандаи ишқи ту будам бо дили пок,
Қаҳру нозу ситами ту ба сари ман будӣ.
Ман ҳаме дар ғами рухсори ту будам дилхун,
Ба ғурури фари худ бехабари ман будӣ.
Дафтару килку ману соҳили дарёи равон,
Пораҳои ғазалу шеъри тари ман будӣ.
Гарчи чанде зи пайи ишқ миёни дигарон
Ба ҳама сӯзу фиғон пушти дари ман будӣ.
Лек бо арбадаву саркашии бешу камӣ
Байни ёрон ту каси муътабари ман будӣ.
З-он нигоҳи шарарафкан шуда ранҷур дилам,
Бо фиреби лабу рӯ фитнагари ман будӣ.
Дар шабистони хаёлу шаби раҳпоии ман
Чеҳраи моҳи ту шамсу қамари ман будӣ.
Акси рӯят зи китоби дили Сармад наравад,
Муддате гарчи ба дурӣ зи бари ман будӣ.

## УМЕДВОРӢ

Ғарқаам андар шабистони хаёл,
Гаштаам аз дасти қисмат гунгу лол.
Кӯдакиям ҳамчу абри навбаҳор
Шуд панаҳ андар паси кӯҳи Ҳисор.
Турнаҳоро буд гӯё ҳамсафар,
Тирамоҳон рафт бар мулки дигар.
Рафт фасли тирамоҳи зиндагӣ,
Карда тай ҳамвора роҳи зиндагӣ.
То баҳорон мешавам ман интизор
Турнаҳоро ҳар замон бо чашми чор,
То биёбам кӯдакиям аз дигар
Дар қатори турнаҳои раҳгузар…

## КИТОБИ УМРИ МО

Ғаму шодии дунё дар дили мо хона мемонад,
Зи баъди мову ту ин олами вайрона мемонад.
Агарчанде бино созанд чандин каъбаи дилҳо,
Хуморӣ фикру ёдаш ҷониби майхона мемонад.
Зи баски андар ин дунёи дун заҳмат басо кардем,
Китоби умри мо монанди як афсона мемонад.
Ба мӯи сар сафедӣ медамад аз ғуссаҳои дил,
Вале рози сафедиҳои мӯ бар шона мемонад.
Тамоми сарвати дунё ба наздики аҷал ҳеҷ аст,
Аҷал чун даррасад, дороие аз мо намемонад.
Чаро ғам мехурӣ, Сармад, аз он ишқи абасрафта?
Ба дилҳо сӯзи ишқу ҳасрати ҷонона мемонад.

## ПАЙВАСТАИ АРЗУ САМОЕМ

Мо амонат андар ин ғафлатсаро биншастаем,
Дил ба ин молу зари дунёи фонӣ бастаем,
Гарчи арзонӣ набошад баҳри мо умри азиз,
Дар талоши зиндагонӣ дилфигору хастаем.
Бо ҳама зебоию осудагию хуррамӣ
Дар ҷавонӣ мо мисоли сабзаи наврустаем.
Чеҳра пурчин, қомати хам, мӯи сар гардад сафед,
Ҳамчу тире аз камони дасти ҳасрат ҷастаем.
Дар миёни сабзаҳои гулсарои зиндагӣ
Шохи бебаргу гуле пажмурда як гулдастаем.
Пур шуда паймонаҳо аз ваъдаи паймонгусил
Дар ҷавонӣ шишаи дилҳо басо бишкастаем.
Бехабар мондем, Сармад, вақти мо ҳам даррасид,
Чунки мо ҳам бо замину осмон пайвастаем.

## ШОҲИ ХУБОН ОФАРИДАНД

Бадан аз хоки райҳон офариданд,
Ба тан чун барги гул ҷон офариданд.
Ба сар бинҳода сарбори гароне,
Ғам аз реги биёбон офариданд.
Ба дил бинҳода меҳру кинаву ғам,
Лаб аз лаъли Бадахшон офариданд.
Ба чашмон донаҳои ашки ҳасрат
Чунон мавҷи Зарафшон офариданд.
Сарояд то суруди зиндагонӣ,
Хату ҳарфи ниёгон офариданд.
Зи ранги шаб ниҳода мӯю абрӯ,
Рухе чун моҳи тобон офариданд.
Чу ҷаннат хӯрданию бурданӣ нест,
Тамошо кун, чӣ хубон офариданд.
Пайи тасхири қалби зори Сармад
Накӯ кабки хиромон офариданд.

## АШКИ МАРД

Фалак бар қисмати пешониям ҳар он чи кард, омад,
Мусибат ҷои шодӣ қисматамро дар набард омад.
Падар гум кардаму рафтам суроғаш сӯи гӯристон,
Ба гӯшам дар сари гӯри падар овози мард омад.
Зи фарёди писаргумкардае батни замин ларзид,
Ки гӯӣ ин садо аз синаҳои хоки сард омад.
Рухаш андар фироқи нахли пайвандаш пур аз нам буд,
Зи ашки сарди чашмонаш дили мискин ба дард омад.
Фироқу сӯзи фарзандаш бияфканд оқибат аз пой,
Ба ногаҳ тирамоҳи умри ӯ бо ранги зард омад.
Канори гӯри фарзандаш бишуд як пуштае пайдо,
Қатори ашки ғам аз дидаи ҳар марди фард омад.
Бубин, Сармад, ки умри одамӣ ҳамчун даме будаст,
Тамоми зиндагонӣ чун шабеҳи раҳнаворд омад.

## АМРИ ҲАҚ

Ҳар баду неке ба олам ин ҳама аз дасти мост,
Панҷаи номардумон андар набарде бо Худост.
Аҳриман чун соя бошад по ба пойи одамӣ,
Тири ҷонсӯзи хабисон дар камони сояҳост.
Зиндагӣ зебо бувад пайваста аз ишқу ҳавас,
Бе муҳаббат қалби инсон орӣ чун боду ҳавост.
Баъди маргат аз ту монад номи некӯ ҷовидон,
Гар ту андар зиндагонӣ меравӣ бо роҳи рост.
Одамиро гар бувад рӯи замин ҷои ҳаёт,
Дар канори чархи гардун маскани истораҳост.
Гар надорӣ боваре бар ҳастии он зоти пок,
Бе нафас як лаҳза ин рӯҳи равонат дар куҷост!
Тораи мӯе намеҷунбад зи ҷо бе изни ӯ,
Раъду барқу боду борон мешавад, ҳар он чи хост.
Сармади шӯрида, бинмо тавба, рав бо роҳи Ҳақ,
Раҳмати Парвардгор аз бахри мо беинтиҳост.

## САҶДАИ ШУКРОНА

Ҳар гунаҳкоре, ки лофи бегуноҳӣ мекунад,
Дар ду олам нокасию хешхоҳӣ мекунад.
То тавонӣ, дур бош аз мардуми бад дар ҷаҳон,
Шамс чун бо абр бошад, рӯсиёҳӣ мекунад.
Пораи ноне биёбад ҳар гадое бо тамаъ,
Бемуҳобо дар худаш даъвои шоҳӣ мекунад.
Кӯри модарзод роҳаш бингарад бо чашми дил,
Рӯзи равшан кӯрдил гумкардароҳӣ мекунад.
Қар-қари зоғи сияҳ бошад нишон аз рӯзи бад,
Дар чаман булбул саломи субҳгоҳӣ мекунад.
Саҷдаи шукрона орам, Сармад, андар роҳи Ҳақ,
Ҳар чӣ шуд дар ин ҷаҳон, амри илоҳӣ мекунад.
Саҷда бинмо нимашабҳо, эй азиз, андар раҳаш,
Дар намози нимашаб ҳар он чи хоҳӣ, мекунад.

## РИШТАИ МЕҲР

Нақши васли ёр агар набвад ба ҳар пешонае,
Лаззати ишқу ҷудоӣ ҳамчу як афсонае.
Риштаи меҳри ману ту ҳамчу занҷири вафо,
Гар набошад меҳри дилҳо, мо чу як бегонае.
Дар ҷаҳони ошиқӣ аз ишқи мо монад асар
Чун ду қалби хунчакони монда дар вайронае.
Ҳамчу шамъи хирасӯзе мечакад хуни дилам,
Сӯзад аз шамъи дили мо боли ҳар парвонае.
Чун зуғоли нимасӯзе шуълавар гардам зи нав,
Сӯзам аз барқи нигоҳи масти ҳар ҷононае.
Ҳар балое бемуҳобо мекунад яксони хок,
Пойдевораш қавӣ набвад агар ҳар хонае.
Гар ба пириям диҳам, Сармад, дилам бар дилбаре,
Сар ба саҳро мезанам монанди ҳар девонае.

## ФАРЁД

Ин нолаи ғам маро гулӯгир шуда,
Айёми ҷавониям кунун тир шуда[1].
Ин дори фано гашта пур аз макру ҳиял,
Уммеди ҷавониям адамгир[2] шуда,
Дар ҷодаи зиндагонӣ ин арзу само
Кулфатзадаву харобу дилгир шуда.
Афсурдаву саргашта дар ин чархи барин
Ҳамрози дилам нолаи шабгир шуда.
Даврони ҷавонӣ ба ҳама хотираҳо
Ҳамроҳи ғамам маро фарогир шуда.
Ғамҳои дилам чӣ гуна орам ба забон,
К-ин булбули субҳдам забонгир шуда.
Аз ҳасрату ғуссаву ғами рӯҳи танам
Мурғи дили ман дар қафасам пир шуда.
Сармад, чӣ хурам ғами ҷаҳони гузарон,
Дар пеши аҷал маро чӣ тадбир шуда!

## НАХОҲАД ШУД

Насибат он чи буд, аз неъмате афзун нахоҳад шуд,
Гадое гар шавад доранда, дигаргун нахоҳад шуд.
Агарчи зоғи бадмур лона дорад дар баландиҳо,
Валекин муътабар дар зери ин гардун нахоҳад шуд.
Ҳаромизода ҳаст аз нокасӣ монанди бӯзина,
Вале бадаслию номардӣ аз маймун нахоҳад шуд.
Ғубори гарди пирӣ гар фитад бар чеҳраи одам,
Илоҷу марҳами ин дарди рӯзафзун нахоҳад шуд.
Харобии ду олам ин ҳама аз нокасии мост,
Зи қалби кинапарвар бухлу кин берун нахоҳад шуд.
Бирав, Сармад, ту некӣ метавон кардан ба роҳи Ҳақ,
Зи хубиҳои мо ҳар нокасе мамнун нахоҳад шуд

---

[1] гузашт, зуд гузашт
[2] нест шуд, барбод рафт

## МАН АФСАРАМ

То бувад озода ҳар як зарраи хоки ватан,
То вазад бар рӯи ман боди тарабноки ватан.
То ки бошад гулшукуфон, мегузорам доимо
Саҷдаи шукронаам бар домани поки ватан.
Сарбаландам дар канори Тоҷикистони азиз,
Фахри ман аз қуллаҳои сарбаафлоки ватан.
Марзу бумашро нигаҳбонӣ кунам бо ҷону дил,
Ҳамчу фарди паҳлавону гурду бебоки ватан.
То насозад зери пояш хор адӯ хоки варо,
Афсарам ман, посбони чусту чолоки ватан.

## САФОЛ

Эзад чу ману туро бино карда зи гил,
Бар тозагиле карда вуҷуди рагу дил.
Дар дафтари зиндагонӣ исми ману ту,
Ӯ карда бино сафоли ҷисми ману ту.
Бо амри худоию ба ҳусну ба ҷамол
Ҳар ҳастии одамӣ бино шуд зи сафол.
Чун порагиле зи хоки Одам моем,
Гаҳ пушти дару гаҳе мукаррам моем.
Гар тавба кунем дар сарои фонӣ,
Лутфу карами Худо бувад арзонӣ.

## БА МУАЛЛИМ

*Эҳдо ба Ҳоҷӣ Тӯрақул Ҷумъаев*
*ва дигар устодон*

Сарф кардӣ нисфи умрат баҳри шогирдони худ,
Бар суруру компрониҳо дигар вақтат набуд.
То шудӣ шогирдҳоят олиму шахси бузург,
Шаб нахуфтӣ, ёди онон хоб аз чашмат рабуд.

Дарс гуфтӣ, дарси мардию саховатпешагӣ,
Заҳмати ту дониши шогирдҳоят мефузуд.
Мӯи сар кардӣ сафед аз баҳри шогирдони хеш,
Бехабар мондӣ, хати қисмат ҷавоният зудуд.
Эй муаллим, устодо, умри ту бодо дароз,
Бахту иқболу саодатмандии ту беҳудуд.
Бе туву дарси ту ҳаргиз муътабар натвон шудан,
Дарси ту шогирдҳоят олиму одам намуд.
Мекунад Сармад барои ту дуо ҳар рӯзу шаб,
Бо бузургият биёрам пеши ту сар бар суҷуд.

## МУАЛЛИМ

Ба мисли боғи ирфонӣ, муаллим,
Ба ҷисми мо ту чун ҷонӣ, муаллим.
Биомӯзӣ бароям панду ҳикмат,
Ту чун Суқроту Луқмонӣ, муаллим.
Дурахшон чеҳра аз нури маъонӣ,
Ту чун хуршеди рахшонӣ, муаллим.
Парастиш мекунам ман роҳи ҳақро,
Бароям нури имонӣ, муаллим.
Зи ту омӯхтам маънои ҳастӣ,
Бароям амри виҷдонӣ, муаллим.
Дилам афрӯхтӣ дар роҳи дониш,
Ту чун шамъи фурӯзонӣ, муаллим.

## ЗИНДАГӢ АЗ ШӮРУ ШАРАР МОНД

*Ба ёди Қурбоналӣ Хӯҷамов*

Боди аҷале омаду ӯ аз бари мо рафт,
Нокарда видоъе ба ҳама назди Худо рафт.
Танҳо набуд андар раҳи қисматгаҳи тақдир,
Ҳамроҳи писар, додари худ сӯи само рафт.
Нодида ба серӣ рухи зебои писарҷон,
Бо худ бигирифту зи азизон ба ҷудо рафт.

В-ин модари тоҷик зи ғаму оҳи ҷигар сӯхт,
Тақдири писар дар хати қисмат ба хато рафт.
З-ин бозии қисмат, ки бимондем ба ғафлат,
Он дӯст куҷо буд, куҷо монд, куҷо рафт!
Бо рафтани ӯ «Зиндагӣ» аз шӯру шарар монд,
Чун «Зиндагӣ»-аш рафт, ҳама нуру зиё рафт.
Сармад зи ғами хастадилон сӯхт чу оташ,
Бар манзилаш аз баҳри зиёрат ба дуо рафт.

## ОЁТИ ЗИНДАГӢ

Ин ривоят аз китоби анбиё,
Менамоям туҳфае баҳри шумо,
Баҳри он Пайғамбари охирзамон
Гуфта буд Аллоҳи якто, ки «Бихон».
Ҳадяе бинмуда дар дори ҷаҳон
Умматонро он китоби ҷовидон.
Бо азобу кулфату ҳиҷрат басе,
Умри Пайғамбар бишуд бар шасту се.
Ҷибраил овард оёти сафар,
Реҳлаташ овард ӯро дар назар.
Кард аз Ҷибрил пурсиш Мустафо:
Мефуроӣ баъди ман боз аз само?
Мустафоро дод Ҷибрил ин ҷавоб:
Баъди ту даҳ бор оям дар ҳиҷоб.
Ҳар гаҳе ки рӯ ба дунё оварам,
Аз замин як гавҳареро мебарам.
Бори аввал мебарам сабр аз замин,
К-он намонад одамонро баъд аз ин.
Гавҳари шарм аз паси он мебарам,
Ору номусе намонад дар ҳарам.
Бори севвум мебарам аз даҳр меҳр,
То намонад меҳр дар қалби сипеҳр.
Ман адолат мебарам дар дафъи чор,
Умматонат мешаванд озурда, хор.

Дафъи дигар гар биёям бар замин,
Хайру некӣ мебарам ман бо ҳамин.
Чун дигар оям, саховатро барам,
То фақиронро бубинад бад карам.
Ростиро бори ҳафтум мебарам,
То дурӯғ ояд ба ҳар ҷо муҳтарам.
Навбати ҳаштум бувад даври ҳалол,
То ҳаром ояд ба ҷамъи молу ҳол.
Бори дигар ман амалро аз ҷаҳон
Мебарам, к-аз илм кай монад нишон.
Мешавад рӯзи қиёмат чун падид,
Мебарам фарҷом Қуръони маҷид.
Ин суханҳо гуфта бар ӯ он малак,
Шуд равон бар ҷониби чархи фалак.
Аз ҳамон дам то кунун рӯи замин
Бебақо шуд гавҳари ҳар одамин.

## ЧАРХИ ЗАМОНА

Ин чархи замона боз тобам дода,
Аз дасти қазо ҳоли харобам дода.
Ин оташи зиндагӣ дар ин кӯраи хеш
Чун оҳани тафта обутобам дода.
Дил карда пур аз тараҳҳуму қаҳру ғазаб,
Дар шодию ғам чашми пуробам дода.
Бинҳода муҳаббати нигоре ба дилам,
Андар ғами ӯ қалби кабобам дода.
Ҳар некии кардаам агар буд каму беш,
Бар некии ман аҷру савобам дода.
Гар кори баде бикардаам дар олам,
Аз кори бадам басе азобам дода
Сармад, чӣ хурӣ ғами замони гузарон,
Дар рӯи замин биҳишти нобам дода.

## ПАНДИ ПАДАР

Ин насиҳат бар ту мегӯям, писар,
Аз ҳаромӣ доимо бинмо ҳазар.
Фарқ кун аввал ҳалолӣ аз ҳаром,
То ки бошад тоза ҳар девору бом.
Деҳ закоти молро бар камбағал,
Бар ятиму бевау қавми касал.
Доимо кун раҳму шафқат бар фақир,
Ҳар дили бечораеро даст гир.
Карда парҳез аз бадиҳо беҳудуд,
Кинаро берун бикун аз қалб зуд.

## ҲАР ОН ЧИ ДИДААМ

Ҳар кучое ҳоли зори бекасонро дидаам,
Хорию зории кас аз нокасонро дидаам.
Дидаам ҳар гушнаи дар рӯи раҳ афтодае,
Меъдасеру гушнамасту зори нонро дидаам.
Дида бас номардҳоро дар либоси мардҳо,
Ҳамчунин мардонагии бонувонро дидаам.
Дида ҳар сарви сиҳиро дар замони наврасӣ,
Очизу афтодаву қоматкамонро дидаам.
Дидаам, Сармад, басе ҳам тирагию равшанӣ,
Ҳар баду неке дар ин олам, ҳамонро дидаам.

## ҲАМДАМИ МАН

Касе, ки нимашаб бедорхоб аст,
Дилаш бо нафси ӯ дар инқилоб аст.
Ғуломи бандаи нафсу ҳавасро
Ҳамеша кору афкораш хароб аст.
Агар одам бувад бе илму дониш,
Зи кори кардааш дар изтироб аст.

Агар кас лаззати дониш надонад,
Тамоми зиндагияш мисли хоб аст.
Китобу хома доим ҳамдами ман,
Ҳама асрори оламро ҷавоб аст.
Чӣ меҷӯӣ ту, Сармад, аз варақҳо?
Ҳаёти ман ба монанди китоб аст.

## ФАРОЗҲОИ ЗИНДАГӢ

Гар харе бораш бувад аз симу зар,
Хар буду доим бимонад ҳамчу хар.
Аз хасе[1] ҳаргиз мапурсӣ теғи тез,
Беҳ бувад, гар риш гирӣ бо табар
Ту мабанд уммед бар хешу табор,
Баҳри ту набвад чу мероси падар.
Чашми баднафс аз шикам бошад калон,
Сер аз ҳар туъма меёбад зарар.
Аблаҳе бисёр мегӯяд сухан,
Доимо сокит бувад марди ҳунар.
Шахси машҳур ар набинад дигарон,
Марди доро худ бувад монанди кар.
Қаҳрамонӣ ҳаст, гар бахшӣ гуноҳ,
Бар намегарданд мардон аз сафар.
Гарчи якранг аст хунҳо дар бадан,
Лек қалби ҳар яке бошад дигар.

## ДИЛИ САНГИН

Ин дори фано барои мо танг шуда,
Рӯзу шаби ин замона якранг шуда.
Оҳанги нишоти зиндагӣ айни замон
Бо пардаи нокасон ҳамоҳанг шуда.

---

[1] бахили гузаро; хасис, мумсик

Ин саҳнаи зиндагӣ макони кару кӯр,
Ҷавлонгаҳи нокасони беnанг шуда.
Мардум ба фиребу шайтанат олуда,
Дур аз адабу ҷудо зи фарҳанг шуда.
Сармад, ту маҷӯ меҳру муҳаббат зи касе,
Дилҳои тиҳӣ бубин, пур аз санг шуда.

## МУНОҶОТ

Аз хоки ғамӣ, ба хок ғамнок равӣ,
З-афлок наӣ, ки сӯи афлок равӣ.
Ту сабза наӣ, ки андар айёми баҳор
«Аз хок бурун омада, бар хок равӣ».
Дар умри камат ба зери ин чархи барин
Осуда набудӣ, ки тарабнок равӣ.
Аз кина тиҳӣ намо ту қалби пуркин,
То зери замин ба тинати пок равӣ.

## БА ФИТНАГАРОНИ ВАТАНБЕЗОР

Эй ватанбезори берӯю риё,
Ноҷавонмардию бешарму ҳаё.
Нотавону кинаҷӯю кинахоҳ,
Синаат пуркинаву қалбат сиёҳ.
Косалесу бадсиришту бадзабон,
Хокрӯби зери пойи хоҷагон.
Гар ту худ миллатпарасти манманӣ,
Пас, чаро бар асли худ санге занӣ?
Меҷакӣ монанди саг аз дурҳо,
Қадри миллатро куҷо донӣ, куҷо!
Ин ҳама ғавғои сагҳои ҷалаб
Оварад ҷонҳои мардумро ба лаб.
Фитнаандозию носозӣ бас аст,
Беватан назди Худо хору хас аст.

## ДОД АЗ ДАСТИ «СИТОРАҲО»

*(Танз)*

Агарчи ин само исторабору моҳи оламгир,
Бигашта ин замин историазор аз қисмату тақдир.
Барои Аҳмади Зоҳир дилам аз ғусса месӯзад,
Шудам аз вақ-вақи историаҳои навқадам дилгир.
Набошад қувваи барқу ҷаноби диск, сад афсӯс,
Садояш мерасад чун тақ-тақи арроба бетаъсир.
Намефаҳмам, ки оҳанг аст, ё ин ки садои барқ,
Садои чангу даф ё ки садои бомбҳову тир.
Бигашта ҳофизони кухна пир аз дасти қисмат, чун
Бар онҳо ҷогузин омад ҷаноби диск бетаъхир.
Ба зӯри қувваи барқ аст он фарёду арросаш,
Фоногрома  набошад, мекунад овозашон хир-хир,
Зи овози баланду дилхароши беҳисоб, эй дӯст,
Асабҳои хароби мо намонад ҳеҷ бетаъсир.
Қалам бар каф гирифта менависам арзу додамро,
Намедонам чӣ гуна ин амал ман мекунам тасвир.
Бигашта аз суруди хастаи историагон дилгир,
Бирафтам назди духтур, то намоям гӯши худ таъмир.

## БА УМЕД МАШАВ

Ҳама ҳусну ҷамоли ту куҷо шуд,
Ҳама молу маноли ту куҷо шуд?
Куҷо шуд мулку қасру бӯстонат,
Куҷо рафтанд ҷумла дӯстонат?
Куҷо кибру ғуруру сарварият,
Чӣ шуд бедардию одамгарият.
Кунун, ки сар ба болин барниҳодӣ,
Ҳама моли ҷаҳон пайваста додӣ.
Кунун ҳангоми маргу реҳлати ту,
Нашуд суде зи молу давлати ту.
Чӣ ҳоҷат з-оҳу афсӯсу надомат,
Машав, Сармад, ба уммеди каромат.

## ҲАСРАТ

Бароят хуни дил хӯрдам,
Фишори хуни ман кам шуд.
Ғами олам магар кам буд,
Ки дил ғамбодаи ғам шуд!
Ниҳодам пеши поят сар,
Ба пирӣ қоматам хам шуд.
Ба ёд оварда ин будан,
Зи ҳасрат чашми ман нам шуд.

## ХОМАМ ҲАНӮЗ

Нимаи умрам гузашту тифли нодонам ҳанӯз,
Дар танӯри зиндагонӣ норасо нонам ҳанӯз.
Ишқи аввалро ба хотир оварам гар ҳар замон,
Дар ғами Лайлӣ чу Маҷнун дар биёбонам ҳанӯз.
Ҳар гаҳе ояд ба ёдам гирудори кӯдакӣ,
Ҳамчу Юсуф дар фироқу ёди Канъонам ҳанӯз.
Кулчаҳои рӯи модарро гаҳе оварда ёд,
Ҳамчу тифле дар талоши пораи нонам ҳанӯз.
Пурсӣ ар, Афсар, чӣ меҷӯӣ канори зиндагӣ,
Ман зи умри рафтабарбодам пушаймонам ҳанӯз.

## ХАТО

Мешавад ислоҳ ҳар ҳарфи хато
Дар хати авроқи дафтарҳои ман.
Ҳар хатое кардаам дар зиндагӣ,
Гашта чун занҷири ғам дар пои ман.
Дар хати пешониям гардида сабт
Қисмати имрӯзаву фардои ман.
Дафтари ашъори манро карда пур
Мисраъу абёти побарҷои ман.

Ҳар баду неке бикардам дар ҷаҳон,
Монда нақши хеш дар симои ман.
Пурсӣ ар, Сармад, чӣ шӯру валвала,
Ин ҳама бошад таҳаммулҳои ман.

## ЭЙ КИ БАР ҲАҶ МЕРАВӢ

Эй ки бар ҳаҷ меравӣ, рав, сокини вайрона шав,
Воқиф аз ҳоли ғарибу бекасу бехона шав,
Карда холӣ ин ҳама дунёият аз дӯши худ,
Чун булӯри соф он гаҳ вориди он хона шав.
Қалби худро карда холӣ аз ҳама бухлу ҳасад,
Нафси саркашро ба гардан оҳанин завлона шав.
Гар намесозӣ қабул, Сармад, чунин гуфтори ман,
Ё бирав оташкада, ё сокини бутхона шав.

## ПАЙВАСТА ХУРАМ ҒАМ

Озурда магардон дили афгори гадоро,
Хешӣ манамо нокасу модарбахаторо.
Аз баҳри чӣ ту пеша кунӣ кибру ҳаворо?
Некӯ набувад шеваи рафтори ту моро.
Якҷо нашавад қавми парешоншуда ҳаргиз,
Фаҳмида будам ояти Қуръони Худоро.
Эмин зи балову хушу осуда бимонӣ,
Бо душмани худ мекунӣ ар дору мудоро.
Сармад, на ҳама воқифи асрори ҷаҳон аст,
Пайваста хурам ман ғаму андӯҳи шуморо.

## БА ҶУЗ ТУ

Ба ҷуз ту лаззати дунё нахоҳам,
Бувад бе ту зимистон тирамоҳам.
Хаёлат ҳамчу маҳ дар тирашабҳо
Кунад равшан ҳамеша пеши роҳам.

Ба поят саҷдаи шукрона орам,
Бубахшоӣ, Худоё, ин гуноҳам.
Ба ту пайваста аст обу гили ман,
Рухат дар тирашабҳо ҳамчу моҳам.
Нигоҳат нури офоқи дили ман,
Ба чашмат акси худ дидан бихоҳам.
Манам ин Афсари мафтуни рӯят,
Набошӣ, ман ғарибу бепаноҳам.

## ДИЛГИРАМ, ЭЙ ДӮСТ

Ҳар он гоҳе, ки номат гирам, эй дӯст,
Шавам гаҳ зиндаву гаҳ мирам, эй дӯст.
Агар ёдат набошад дар дили ман,
Дар ин дунёи дун дилгирам, эй дӯст.
Бувад қалбам ҷавон, инро ту донӣ,
Агарчанде ки акнун пирам, эй дӯст.
Дилам пур гашта аз ғамҳои олам,
Алам ман аз қалам мегирам, эй дӯст.
Бубин, дунё пур аз макру фиреб аст,
Аз ин афтодаву дилгирам, эй дӯст.
Бикун шукрона, Сармад, аз баду нек,
Ҳар он чи дидам, аз тақдирам, эй дӯст.

## МАҶБУРАМ, ЭЙ ДӮСТ

Агарчи ин замон раҳдурам, эй дӯст,
Барои диданат дилшӯрам, эй дӯст.
Агарчанде ғами олам зиёд аст,
Валекин доимо масрурам, эй дӯст.
Ҳамон коре ки кардан худ гуноҳ аст,
Намехоҳам, вале маҷбурам, эй дӯст.
Бихоҳам дидани дидори рӯят,
Дилам хоҳад, вале ранҷурам, эй дӯст.

Ҳамеша ёди васлат дар дили ман,
Агарчанде ки аз ту дурам, эй дӯст.
Нанӯшидам агарчи ҷоми васлат,
Валекин доимо махмурам, эй дӯст.

## ҒАРИБИ ДИЛХАСТА

Дил хаставу тан хаставу ҷонам хаста,
Аз мулки ғарибӣ омадам дилхаста.
Бар ҳавлии модарам расидам, аммо
Дар баставу дарвозаи модар баста.
Э вой куҷоӣ, модари раҳнигарам,
Фарзанди азизат паси дар биншаста.
Сар бар сари зонуят ниҳам бори дигар,
Пеши қадамойи ту ниҳам гулдаста.
Афсар, чӣ кунам, ки модарам нест дигар,
Мурғи тарабам аз қафаси дил раста.
Сандуқи дилам зи ғам фарорез шуда,
Паймонаи шишаи дилам бишкаста.

## МАРСИЯ БА МОДАРАМ

Модар, ту бирафтию асоят паси дар монд,
Бар додару бар хоҳари ман сӯзи ҷигар монд.
Баъд аз сари ту гашта тиҳӣ хону дари ман,
Андар паси дар оҳи ҷигарсӯзи падар монд.
Нолону ғамин гашта ҳама хешу азизон,
Бар дӯши ҳама доғу алам, дидаи тар монд.
Борида ба сар абри Худо ояти раҳмат,
Чун ашки ғамам тори сарат марқади тар монд.
Дар рӯзи дуи рафтани ту аз бари дунё
Дарбони вафодори дарат рафту асар монд.
Ду қӯша сафедори дари ҳавлии додар
Афтода сарозер, аз он решаи тар монд.
Аз сӯзу ғами рафтани ту, модари ширин,
Ин тути тари ҳавлии додар зи самар монд.

Фарзанди азизат ба раҳи ағбаи Анзоб,
Дар ёди ту як шому саҳар рӯ ба сафар монд.
Он шоми сияҳ яккаву танҳо ки набудам,
Дар тори сарам шому саҳар шамсу қамар монд.
Афсона ҳамегуфтӣ ту баҳрам дами тифлӣ,
З-он мурғи ҳумо нола ба ҳангоми саҳар монд.
Андар паси дар оҳи ҷигарсӯзи падар монд,
Бар дӯши ҳама доғу алам, дидаи тар монд.

## ДАР ЁДИ МОДАР

Ҳар гаҳе оям ба деҳа ман ба сӯи хонааш,
Ёдам ояд қомати хамгаштаи пиронааш.
Ёдам ояд, давдавон ӯ мебаромад сӯи ман,
То бибӯсад ӯ ба серӣ чеҳраву абрӯи ман.
Менамудӣ ӯ зи хурсандӣ ба рӯи ман нигоҳ,
Вақти рафтан менамуд ашки рухаш аз ман паноҳ.
Ҳар гаҳе оям ба сӯи кӯҳу боғистони деҳ,
Ҳар пагоҳӣ меравам бар сӯи гӯристони деҳ.
То бигӯям, модари зорам, ки ман боз омадам,
Пеши ту, эй модари ҷон, гуфтани роз омадам.
Рӯи гӯраш хонда аз Қуръони Яздон пораҳо,
Рӯҳи покашро ҳамебахшам ҳаме як каф дуо.
Пуштаи гӯраш зи гулҳои баҳорӣ сабзапӯш,
Ашки ғам резам ба рӯи гӯри модар ман хамӯш.
То баҳорони дигар аз ашки чашмони тарам
Сабзаҳои нав бирӯяд рӯи гӯри модарам.
Ҳар гаҳе оям ба деҳа, ёди модар мекунам,
Ҳарду рухсорам зи ашки ғуссаҳо тар мекунам.

## ВО ДАРЕҒО, МОДАРАМ

Меҳрубону ғамгусорам, модарам,
Оҳ, рафтӣ ногаҳонӣ аз барам!
Рафтанат оварда бар дилҳо алам,
Гашта холӣ баъди ту бому дарам.

Нола мекарданд пайвандони ту:
– Во дареғо, модарам, во модарам!
Сӯхт қалбам дар фироқи рӯи ту,
Чунки будӣ соябоне бар сарам.
Дар забонат доимо номи Худо,
Чунки будӣ ту батақво, модарам.
Менамудӣ зикри номи Мустафо,
Баҳри мо будӣ азизу муҳтарам.
Ҳар гаҳе ёдат намоям бо алам,
Рафтанатро ҳеҷ н-ояд боварам.
Хайр, модар, то дами Рӯзи қарор,
Рӯҳи покат ҷовидонӣ, модарам!

## АШКИ ҲАСРАТ

Аз нолаи ман арзу самоҳо ларзид,
Девору сутуни рӯйи дунё ларзид.
Ин ларза фитода андар андоми замин,
Аз реҳлати модарам дили мо ларзид.

Дар ларза биёмад дару девори падар,
Аз нолаи ман рамида ин мурғи саҳар.
Эй модари ҷон, ту рафтӣ аз дори фано,
Дар ҳасрати рӯи ту манам хуни ҷигар.

Дар ҳасрату ёди ман дилат хун кардӣ,
Пеши ҳамагон чеҳра дигаргун кардӣ.
Дар ёди азизони зи дунё рафта
Бар даргаҳи Ҳақ дуои афзун кардӣ.

«Фарёду фиғон з-ин фалаки ҷомакабуд»,
Чун модари ҷон зи рӯйи олам бирабуд.
Эй модари меҳрубон, ту рафтӣ зи ҷаҳон,
Бинҳода маро ба нолаву ашку фиғон.

Эй модари меҳрубон, шудем аз ту ҷудо,
То он «дами дидор» паноҳат ба Худо.
Ман нола кунам соҳили дарёи равон,
Ин қатраи ашки ман барад то ба куҷо.

## МАРСИЯ БА ПАДАРАМ

Як бурдаи нон ба гӯшаи хонам монд,
Гарди ғаму ҳасрате ба мижгонам монд.
Гарчанд ки рафта қиблагаҳ аз сари мо,
Дар чеҳраи ман накши падарҷонам монд.
Дар лаҳзаи вопасин надидам рухи ӯ
Андар дили ман умеду армонам монд.
Чун хотираи нек зи мероси падар
Як баста китобу ҷилди Қуръонам монд.
Гардонда варақ китоби Қуръони падар,
Андар паси дар дидаи гирёнам монд.
Бишнида аз ӯ қиссаи Яъқубу писар,
Бо номи падар қиссаву дастонам монд.
Дар ёд зи Карбалову саҳрои араб
Аз Ҳоҷии қиссаву сухандонам монд.
Нодида ба серӣ рухи зебои падар,
Чун Юсуфи Миср ёди Канъонам монд.

## ДАР ЁДИ ПАДАР

Падари меҳрубону некӯям,
Ҳар куҷо сурати ту меҷӯям,
Карда ёде зи номи некӯят,
Васфи ту қиссаву ғазал гӯям.

Падари дастгиру ғамхорам,
Дар ғаму ҳасрати ту беморам.
Муттакову бақои ман будӣ,
Муттакои дигар куҷо дорам?!

Падари меҳрубону дилсӯзам,
Рафтию дар ғами ту месӯзам.
Рафтаию алам ба дилҳо монд,
Дар ғамат тира гашта ин рӯзам.

Ҳоҷие бар дари ҳарам будӣ,
Соябоне ба ин сарам будӣ
Аз барам гар ҳамеша будӣ дур,
Лек дар қалб дар барам будӣ.

Падари орифу сухандонам,
Қиссагӯю ҳалиму хандонам,
Рафтанат боварам намеояд,
Дар ғамат хаставу парешонам.

## ДАР ФИРОҚИ ПАДАР

Падарҷонам, будӣ ту ҷисму ҷонам,
Будӣ бобо барои кӯдаконам.
Кашида интизори роҳи фарзанд,
Бикардӣ тираву тор ин ҷаҳонам.
Бирафтӣ ногаҳон аз дори дунё,
Бишуд холӣ ҷаҳону хонадонам.
Шунидам ногаҳонӣ реҳлати ту,
Биларзонд ин фалак оҳу фиғонам.
Ту рафтию бирафта аз тани ман
Тамоми қуввату рӯҳу равонам.
Бисӯзам дар фироқу ҳасрати ту,
Барам номат, шавад ширин даҳонам.
Ҳама он дарду ғамҳои диламро
Ба кӣ гӯям, ба кӣ, дигар надонам.

## ПАДАРҶОНАМ

Эй падарҷонам, падарҷонам, падар,
Дар фироқат гаштаам хуни ҷигар.
Субҳи содиқ рафтаӣ сӯи само,
Ногаҳону бегумону бехабар.
Дар суроғат мезанам фарёдҳо
Нимашабҳо то дами вақти саҳар.
Сад хурам афсӯсу вовайло, чӣ суд,
Дасти қисмат зӯр будаст ин қадар.

## ДАРДИ ҲАСРАТ

Ҳангоми намози субҳ дил танг омад,
Аз ҷониби деҳ ба гӯшиям занг омад.
Нохуш хабаре шунида чун марги падар,
Гӯӣ ба сарам чу селае санг омад.

Дар ағбаи Анзоб раҳам душвор аст,
Аз рафтани волидон ғамам бисёр аст.
Аз ҳасрату ғам дилам фигор аст басе,
Аммо чӣ кунам, қалам ба дасти ёр аст.

Дар деҳаи Моғиён ҳавои сард аст,
Паскӯчаву кӯчаҳо зи лою гард аст.
Дар ҳасрати рафтани азизони дилам
Андар дили ман ҳаме фиғону дард аст.

Дар марги падар фиғону мотам дорам,
Ду дидаи ашкбору пурнам дорам.
Дар ёди падарҷони азизу ғамхор
Ҳар шому саҳар диле пур аз ғам дорам.

## ПАДАРҶОН

Падарҷон мӯнису ғамхори ман буд,
Бароям ёвару ҳам ёри ман буд.
Ба вақти рафтанаш аз дори дунё
Ғами олам ҳама сарбори ман буд.

Падарҷон мӯнису ғамхори ман буд,
Чу модар дар ғами дидори ман буд.
Чу рафтанд он замон аз дори дунё,
Ғами олам ҳама сарбори ман буд.

Шукӯҳи дафтару девони ман буд,
Чароғи хонаву айвони ман буд.
Падарро қиблагаҳ гӯянд мардум,
Падарҷон қиблаи имони ман буд.

Падарҷон дафтару девони ман буд,
Чароғи хонаву айвони ман буд.
Анису ғамгусору ҳамдами ман,
Падарҷон қуввату дармони ман буд.

## ДАРЕҒ

Дар соҳили рӯду зори обем, дареғ,
Дунё гузарону масти хобем, дареғ.
Аз дасти табибони қасамбишкаста
Афтода зи по дар табу тобем, дареғ.
Бо риштаи ҷон сурати мо побарҷост,
Ҷону тани бигсаста танобем, дареғ.
Умри ками одамӣ ғуломи вақт аст,
Чун гардиши ақрабак шитобем, дареғ.
Бо ботини пургунаҳ пур аз макру ҳиял,
Афтода ба як ҳоли харобем, дареғ.
Бо кину ҳасад, ба фитнаву фанду дурӯғ
Мо бехабар аз рӯзи ҳисобем, дареғ.

Фарсуда китобест ҷаҳони ману ту,
Хонандаи нохонда китобем, дареғ.
Нодида гирифта гавҳари рӯи замин,
Дар синаи хокашон бикобем, дареғ.
Сармад, ту бияндеш зи умри гузарон,
К-ин умри гузаштаро наёбем, дареғ.

## БА ТУРКИ ШЕРОЗӢ

Турки шерозӣ, сарам бинҳода дар оғӯши ту,
Хонам аз афсонаҳои зиндагӣ дар гӯши ту.
Ҳарфи зебои ниҳон андар алифбои дилат,
Хонам аз лаъли лабони ғунчаи хомӯши ту.
Ҳар замон қомат хамида пеши ту сарви сиҳӣ,
Рашкаш ояд бар қади мавзуни симинпӯши ту.
Гарчи ҳосил коми дил бар ҳазрати Ҳофиз нашуд,
Бо ду сар қанде ба даст орам дили пурҷӯши ту.
Холи ҳиндуят ба зебоӣ дили моро рабуд,
Меситонам коми дил ман аз лабони нӯши ту.
Хонда Сармад ин ғазалро баҳри ту аз шавқи дил,
Мон, бигирам санги бори зиндагӣ аз дӯши ту.

## ЧУ НЕКӢ МЕТАВОН КАРДАН

Ғараз дар дил магар дорӣ, ки аз мардум ҳазар дорӣ?
Гаҳе рӯи замин бингар, чаро боло назар дорӣ?
Агар ақле ба сар дорӣ, намо андешае, охир,
Ҷаҳон қасри дудар бошад, ки аз он ту гузар дорӣ.
Чӣ меҷӯӣ шаётин дар канори роҳу пасроҳа?
Ки ту бо ин шуури худ шаётинро ба бар дорӣ.
Барои моли дунёӣ чаро ҷон меканӣ доим?
Насибат хоки нам бошад, агарчи молу зар дорӣ.
Намо андеша, эй Сармад, ҷаҳонро бо хирад бингар,
Чу некӣ метавон кардан, чаро фикри дигар дорӣ?!

## ПАРВОЗИ ХАЁЛ

Ҳамраҳам аз моли дунё соя монд,
Ёди ишқи духтари ҳамсоя монд.
Зиндагиям ҳамчу парвози хаёл
Рӯи коғаз мисли як пероя[1] монд.
Сатрҳои нотамоми шеъри ман
Баҳри абноям чу як сармоя монд.
Гашта холӣ саҳнагоҳи зиндагӣ,
Ҷилвагоҳи мардуми бемоя монд.
Ин дарахти ишқи новарзидаам
Ташнаи дидори ту аз воя монд.
Хонаи бунёди дасти нокасон
Шуд харобу асли он бепоя монд.
Ҳар баду неке чу Сармад кардаӣ,
Он чиро нокардаӣ, чун ғоя монд.
Тифли навзод аз нишони зиндагӣ
Бо табассум дар канори доя монд.

## АФСОНАИ ЗИНДАГӢ

Дигар он хандаи мастона намонд,
Ҳавасу рағбати ҷонона намонд.
Шафати равзанаи хонаи ман
Мурғи саҳрои дигар лона намонд.
Ба дили ғамзадаву холии ман
Сӯзи ишқи ту дигар хона намонд.
Ёди ман рафта зи айёми шабоб,
Ҷуз нигоҳи пури фаттона намонд.
Санами ишқи туро бишкастам,
Ҳоҷате бар буту бутхона намонд.
Ба алам сар ба харобот задам,
Чуғзи худкома ба вайрона намонд.

---

[1] ороишот, зебу зинат

Сӯи майхона нарафтам, ки дигар
Майли ман бар майу паймона намонд.
Хира шуд сӯзиши шамъи дили ман,
Ҳавасе бар дили парвона намонд.
Нарасид аз мани мискин суде,
Фарқи хеши ману бегона намонд.
Шуд ба сар дар ду нафас умри азиз,
Ба ту, Сармад, ба ҷуз афсона намонд.

## КӮТОҲДАСТӢ МЕКУНАД

Зоҳиди зоҳирназар дар хона мастӣ мекунад,
Ҳар кӣ зоташ паст бошад, боз пастӣ мекунад.
Гарчи одам ин ҷаҳонро ҳокими мутлақ бувад,
Ҳар куҷо мӯру малах даъвои ҳастӣ мекунад.
Оқибат душман шавад бар ҷони ҳар як одамӣ,
Нокасу нодидае гар сарпарастӣ мекунад.
Бехудое бехабар аз дину аз оин бувад,
Мисли ҳар парвонае оташпарастӣ мекунад.
Ҳеч гаҳ серӣ надорад чашми носер аз таом,
Бадниҳод аз нафси бад ишкампарастӣ мекунад.
Ман чӣ донам, Сармад, аз асрору кори зиндагӣ,
Чунки шоир з-ин ҳама кӯтоҳдастӣ мекунад.

## СУБҲИ ГУҲАРБОР

Падруди сиёҳии шаби тор намоем,
Сад шукр аз ин субҳи гуҳарбор намоем.
Чун шуълаи хуршед ба ин субҳ расидем,
Шукронаи ин лаҳзаи дидор намоем.
Бо файзи саҳаргоҳ дилу рӯҳу баданро
Покиза зи дарду ғаму темор намоем.
Чун шабнами покизаи ин субҳи фараҳбахш
Зангӯлаи дил тоза зи зангор намоем.

## ТАЗОД

Тинати покизаи инсон на аз ҳусну ҷамол,
Нокасе гар беғараз ёрӣ кунад, амри муҳол.
Ёри ҷонӣ кам бидидам андар ин рӯи замин,
Одамиро душмани гург афзал аз ёри шағол.
Бар саломи ту ҷавобашро нагардонад касе,
Гар ту бошӣ нотавону бекасу бечораҳол.
Гар ту дорӣ молу мансаб ҷои ҳар илму амал,
Ҳар хушомадпеша наздат мешавад монанди дол.
Як замоне илму дониш буда пеш аз молу зар,
Ҳар кӣ дорад молу зар дар ин замон, ёбад камол.
Сармадо, шукрона бинмо ҳар чиро Эзад бидод,
Аз шикасту нобарориҳо ба ӯ ҳаргиз манол.

## МАҲШАР

Бехудию бехудоӣ маҳшар аст,
Нохалаф аз асли худ танпарвар аст.
Вақти мурдан баҳри мо Рӯзи ҳисоб,
Ин сухан аз гуфтаи Пайғамбар аст.
Оқилу озодамарду боадаб,
Ин касонро ақли солим дар сар аст.
Бар фақеҳу олиму марди фақир
Маҳшари ӯ доимо пушти дар аст.
Ҳар киро пушту паноҳе, беғам аст,
Бекасӣ аз бенавоӣ бадтар аст.
Бар каси бегона аз фарҳангу дин
Фикри ботил доимо андар сар аст.
Кина дорад гар касе бар асли хеш,
Нокасу бадтинату бадгавҳар аст.
Пас, чӣ хоҳӣ, Сармад, аз ҳар нокасе,
Ту дигар ҳастию ӯ ҳам дигар аст.

## БОЗОРИ ЗИНДАГӢ

Ин чархи нагун макони қилу қол аст,
Аз макри занон миёни мардон дол аст.
Ҳар зоғу заған нишаста бар қуллаи кӯҳ,
Дар шохаи паст лонаи шаҳбол аст.
Аз дасти туфайлихуру ҳанноту палид
Ин нархи гарон на айби ҳар ҳаммол аст.
Гар арзиши хар зи нархи гав гашта гарон,
Ин нархи гарон ба дасти ҳар даллол аст.
Сармад, ту чаро менигарӣ зору малул?
Аз кардаи нокасон забонам лол аст.
Кирдори баду неки ту дар Рӯзи ҳисоб
Бинвишта ҳаме ба дафтари аъмол аст.

## НЕКӢ БИКУН

Зи лаҳни бад асар дар дил бимонад,
Касе мумсик, хараш дар гил бимонад.
Надорад гар касе ҳимматбаландӣ,
Ба олам бандаи коҳил бимонад.
Касе шуд ҳамнишин бо ёри нодон,
Ҳамеша нокасу ҷоҳил бимонад.
Бувад одамгарӣ ҳар он касеро,
Қадам бо мардуми оқил бимонад.
Гадое гар зи зар бошад қабояш,
Вале дар асли худ соил бимонад.
Агар бебаҳраӣ аз илму дониш,
Ривоҷи кори ту мушкил бимонад.
Бирав, некӣ бикун, Сармад, ки доим
Зи бадкорон бадӣ ҳосил бимонад.

## ЗИСТАН ХОҲАМ

*Тарҷумаи шеъри шоири рус*
*Геннадий Селезнёв*

Зистан хоҳам, бидон, эй ҷони ман,
Аз шафақ лаззат барам ҳамсони ту.
Зиндагӣ созам, ки дорам дӯст ман
Ҳам туву ҳам он ҷигарбандони ту.

Зистан хоҳам, бидон, эй ҷони ман,
Субҳдам хезам бари домони ту.
Одамон бошанд андар хоби ноз,
Қаҳва орам ман ба рӯи хони ту.

Зистан хоҳам, бидон, эй ҷони ман,
Бинвисам бар дафтару девони ту.
Ман ҳама бахшам барои зиндагӣ,
Баҳри ту, ҳам баҳри фарзандони ту.

Зистан хоҳам, бидон, эй ҷони ман,
Ин суханҳоям бувад дармони ту:
«Гар нафас охир шавад андар танам,
Бозгардам бар дару айвони ту».

Зистан хоҳам, бидон, эй ҷони ман,
Аз паёми бад барояд ҷони ту
Афв бинмудан наҷот аст ҷони ман,
Бахшиши ҷурму гунаҳ, имони ту.

Зистан хоҳад, бидон, эй ҷони ман,
Фасли дай ин олуи майдони ту.
То баҳорон ҳамчу пайки зиндагӣ,
Бишкуфад ҳамчун лаби хандони ту.

## РОҒУН

*Тарҷумаи шеъри шоири ӯзбек,*
*Мирзо Анвар ҲАМИДОВ*

Диҳад қувват Худо, эй тоҷики ҷон,
Камар барбастаӣ бар кори шоён.
Намебуд минаҳои марз, он гаҳ
Ҳашар рафтан бароям буд осон.

Намебуд гар ба сарҳад симхоре,
Намебаст ар раҳамро ҳар камондор,
Ҳамепухтам ман оши дӯстиро
Будам доим зи аҳволат хабардор.

Аё тоҷик, аё ҳамсояи ҷон,
Дилат ранҷида имрӯз аз ваю он.
Ба ту санг афканад ҳар нокасе гар,
Дили ман бишканад аз сӯзиши ҷон.

Кашад сар бар само Роғуни тоҷик,
Чу Помири ба сар гардуни тоҷик.
Мани ӯзбек дасти бар дуоям
Барои мардуми мамнуни тоҷик.

Худо қувват диҳад мову туро гар,
Камар бандем ҳар ду мо баробар.
Агар дар мина таркам ҳам, валекин
Шитобам бар ҳашар назди бародар.

Агарчи симхорон тан шикофанд,
Бароят мебарам ман оши меҳан.
Барафрӯзам баланд аз меҳр машъал,
Агар бо тир қалбам тӯр бофанд.

## ИСТИҚБОЛ

*Дар ҷавоби шеъри «Роғун»-и шоири ӯзбек*

Марҳабо, эй дӯст, эй ҷон, марҳабо,
Бар диёри Тоҷикистон марҳабо!
Омадӣ, овар ба худ меҳру вафо,
Байни миллатҳо шавад сулҳу сафо.
Карда боло дасти худро бар дуо
Мо намоем аз Худованд илтиҷо.
Бишнавад шояд Худованд оҳи мо,
Боз аз нав нур пошад роҳи мо.
То шавад девори раҳ бардошта,
Парчами сулҳу сафо афрошта.
Минаҳо аз марзҳо гардида дур,
Ҷойи таркиш гирадо савту сурур.
Баҳри ваҳдат байни ҳар пиру ҷавон
Баста мо якҷоя мустаҳкам миён.
Чархи Роғун ҳар гаҳе гардон шавад,
Зиндагии одамон осон шавад.
Барқу обаш дода бар ҳамсояҳо,
Карда равшан ҷода бо пероя ҳо.[1]
Сабзу хуррам карда боғи дӯстӣ,
Партавафшон шаҳчароғи дӯстӣ.
То абад, то он даме бошад ҷаҳон,
Ваҳдати тоҷику ӯзбек ҷовидон!

[1] ороишот, зебу зинат

## МАҒЗРЕЗАҲОИ ҚАЛБИ МАН

Килку сухан чу манзилату эътибори мост,
Ҳарфу суханварӣ шарафу ифтихори мост.
Ёрон, қалам занед бар ин сафҳаи ҷаҳон,
К-ин чархи пуртавони фалак зери бори мост.

* * *

Аё чархи фалак, бар ман чаро ин корҳо кардӣ,
Падарҷони маро аз ман чаро ногаҳ ҷудо кардӣ?
Ба роҳи ағбаи Анзоб фикри ман парешон аст.
Куҷо кардӣ падарҷонам, падарҷонам куҷо кардӣ?

* * *

Куҷоӣ, эй падар, бинӣ рухи аз ғам хазонамро,
Фироқи рафтанат сӯзад тамоми ҷисму ҷонамро.
Азизу ғамгусору ҳамдаму ҳамрози ман будӣ,
Ба кӣ гӯям кунун ман ин ҳама дарди ниҳонамро?

* * *

Дар гаҳи бемориям будӣ ту дармони сарам,
Рӯзу шабҳо чун табибе будӣ ту андар барам.
Рафтию бар синаҳо бигзоштӣ дарду алам,
То ба ҳоло рафтанатро ҳеҷ н-ояд боварам.

* * *

Зи баъди қаҳратунсармо ҳамеша навбаҳор ояд,
Пайи таъмири ҳар вайрона хишти мо ба кор ояд.
Надонад қадри ман дар зиндагӣ нозукхироми ман,
Сари гӯрам ба садҳо нолаву бо ҳоли зор ояд.

* * *

Агарчанде ба дороӣ амири баҳру бар бошӣ,
Зи симу зар чӣ судат ҳаст, агар ту бадгуҳар бошӣ.
Зи дастат молу сарват гар равад, инро бидонӣ ту,
Ба назди хешу бегона басе беқадртар бошӣ.

*   *   *

Лоиқ, ту бирафтию ба дил дарду алам монд,
Афсӯсу фиғон, ҳасрату сад доғу ғамам монд.
Гардонда варақ дафтару девони ту, Лоиқ,
Ҳамрози дилам дафтару девону қалам монд.

*   *   *

Рӯзи боронӣ паси равзанаи хонаи ман
Битапад аз ғаму ҳасрат дили девонаи ман.
Зи куҷо буд, ба куҷо шуд шабаҳи умри азиз,
Шуда лабрези ғамат гардиши паймонаи ман.

*   *   *

Сангдил гуфтӣ марову ишқи мо афсона шуд,
Санги дилҳо зери қасри бахти мо таҳхона шуд.
Хонаи бахте, ки бунёдаш набуд аз меҳри дил,
Оқибат девори он фарсудаву вайрона шуд.

*   *   *

Яккаву танҳоям андар шоҳроҳи зиндагӣ,
Хастаам аз сабқати шому сабоҳи зиндагӣ.
Бо қаноат дар умеди рӯзи фардои накӯ
Сарбаланду сарфарозам дар паноҳи зиндагӣ.

*   *   *

Ман заволи душманонам аз Худо кардам талаб,
Кам бишуд аз ҷамъи ёронам, Худоё, во аҷаб.
Дӯсту душман шиносӣ андар айёми азоб,
На ба ҳангоми сурури шодию айшу тараб.

*   *   *

Фалак, моро чӣ суд аз фитнаи шайтону шар бошад,
Ҳаёти одамӣ монанди абри даргузар бошад.
Аз он бегонаи ноодаме ҳаргиз надорам бок,
Хатар аз дӯстони бадсиголу бадгуҳар бошад.

* * *

Ҳар кӣ дорад нисбати мо кинаву бухлу ҳасуд,
Босадоқат рӯйи худро менамояд вонамуд.
Ман ҳазар дорам аз ин дурӯягони бадсигол,
К-андар онон одаму одамгарӣ ҳаргиз набуд.

* * *

Бувад зебанда бар гулшан гули хушбӯ ба зебоӣ,
Гули зебои бебӯро макун ҳаргиз харидорӣ.
Майи гулфом доим андаруни шиша сокит буд,
Ба мастӣ ҳар чӣ месозӣ, макун онро ба ҳушёрӣ.

* * *

Ин сари пирам гаҳе майли ҷавонӣ мекунад,
Шӯру балвое канори зиндагонӣ мекунад.
Оқибат шармида аз рафтору аз пиндори хеш,
Кунҷи ғафлат рафта фарёди ниҳонӣ мекунад.

* * *

Ман ба ин майдон барои гуфтани роз омадам,
Бо садоқат, бо муҳаббат, бо дили боз омадам.
Ҳам алорағми адӯи кӯчагию хонагӣ
Ман қаламро карда чун шамшери сарбоз омадам.

* * *

Чун гиреҳ андар гулӯям монда ин фарёди ман,
Кай шавӣ воқиф ту аз ҳоли дили ношоди ман?
Килки асрори фалак чун нақши умри мо кашид,
Кай тавонад даррасад дигар касе бар доди ман!

* * *

Ятими бекасу афтодаеро рӯи раҳ дидам,
Миёни гарду хок афтодарӯҳу бефараҳ дидам.
Сарашро сила кардам, з-ин рухаш якбора дигар шуд.
Зи хурсандии ӯ ман чеҳраашро ҳамчу маҳ дидам.

* * *

Ман даруни кӯраи оҳангарияш сӯхтам,
Мардию одамгариро ман аз ӯ омӯхтам.
Ончи ман омӯхтам андар давоми зиндагӣ,
Баҳри фарзандони худ чун гавҳаре андӯхтам.

* * *

Надонистам чу қадри зиндагониро хато кардам,
Ба роҳи зиндагонӣ ман ҳаётамро ато кардам
Наоянд пас дигар он зиндагонии абасрафта,
Агарчанде басе вовайлато, воҳасрато кардам.

* * *

Агарчанде зи нофаҳмӣ басе кайфу сафо кардам.
Ба рағми бевафоиҳои мардум ман вафо кардам.
Чашидам лаззати дунё, намуда тарки оинҳо,
Ҳама фармударо нокарда бар ҷонам ҷафо кардам.

* * *

Сохтмони қасру айвонат намонад то абад,
Гарчи монад ҳам, бимонад аз барои дигарон.
Молу сарват одамиро душмани ҷонаш бувад,
Гарчи ширин аст аммо ҳаст чун бори гарон.

* * *

Тирамоҳи зиндагӣ омад ба ногаҳ пушти дар,
Шуд хазон гулғунчаи уммеди ман вақти саҳар.
Сабз буд нахли умедам дар баҳори зиндагӣ,
Тирамоҳон, бин, қабои зарҳалӣ дорад ба бар.

* * *

Одамиро аз ҳама наздиктар бошад аҷал,
Ранҷи беморӣ надонӣ, гар намегардӣ касал.
Хотират осудаву ҷону танат бошад амон,
Зиндагонӣ баҳри ту ширинтар аз қанду асал.

* * *

Ҳар гаҳе ояд ба ёдам гар зи умри даргузар,
Мехурам афсӯсу вовайлову ҳам хуни ҷигар.
Зери ин гардуни гардон зору танҳо мондаам,
Барнагардад умри рафта ҳеҷ гоҳе аз дигар.

* * *

Хандаи бисёру беҷо кам намояд обрӯ,
Ҳазли беҳад одамиро кам намояд қадри ӯ.
Хор агар созӣ касеро ту, шавӣ хору залил,
Аз дурӯғу аз газофу пургапӣ дурӣ биҷӯ.

* * *

Гарчи бо сӯзу алам номи маро ёд кунӣ,
Хонда оёту дуо рӯҳи маро шод кунӣ.
Ман аз ин шӯру дареғи ту наоям дигар,
Баръабас дар ғами ман гиряву фарёд кунӣ.

* * *

Ин дили шӯрида доим ёди ҷонон мекунад,
Ёди сӯзу ҳаҷру ёди дарду ҳиҷрон мекунад.
Ғунчаи нашкуфтае андар баҳори зиндагӣ
Тирамоҳон ёди фасли навбаҳорон мекунад.

* * *

Турнаҳо, эй хотироти хушгувори кӯдакӣ,
Чун нишони орзуву гирудори кӯдакӣ,
Села-села муждаори фасли зебои баҳор,
Ёдам оред аз баҳори беғубори кӯдакӣ.

* * *

Ҳамраҳу душмани ман қаҳри ман аст,
Ҳамдами бандаи нафс аҳриман аст.
Чашми серам набувад банда ба нафс,
Чунки нафсам зарару заҳри ман аст.

* * *

Рӯзе расад, ки аз дари дунёи дун равем,
Чун шиша пеши ҷом яке сарнагун равем.
Ҳамчун мусофирем дар ин арсаи ҳаёт,
Бо гиря омадему ба гиря бурун равем.

* * *

Ёри нонӣ оқибат хорат кунад,
Туҳмату буҳтони бисёрат кунад.
Гар забонӣ ҳаст ёрат, ин бидон,
Аз гапи беҳуда безорат кунад.

* * *

Рафт даври кӯдакиям бо тараб,
Бо Муроду Хушдилу Маҳмадраҷаб,
Орифӣ Мулло, ки буд устоди ман,
Доимо дар хотиру дар ёди ман.

* * *

Зиндагиро дидаам бо чашми дил,
Ҳам зи чашми бекасони дилгусил.
Ҳам бидидам сифлагону нокасон,
Инчунин, мардони бофаҳму асил.

* * *

Эй шиноси ношиноси раҳгузар,
Хоҳам аз баҳрат накӯӣ ҳар саҳар.
Баҳри ту хоҳам нишоти зиндагӣ,
Солу моҳу рӯзи некӯи дигар.

* * *

Қадам бинҳода андар кӯчаҳои деҳ,
Ба ёд орам зи айёми абасрафта.
Сафедиҳои мӯйи сар гувоҳи он,
Ҷавониҳои мурғи дар қафас рафта.

## РУБОИЁТ

Чун ҳосили умри одамӣ фарзанд аст,
Монанди ниҳолу шохаи пайванд аст.
Ноаҳл бувад ба мисли заҳри қотил,
Некӯ чу бувад, мисоли себу қанд аст.

* * *

Шукронаи неъмати худододи Ватан,
Ин ваҳдату сулҳи хонаободи Ватан.
Ҳам шукри ҳавову обу хоки покаш,
Шукрона кунам зи накҳати боди Ватан.

* * *

Дар кӯраи зиндагӣ чу тобам доданд,
Рӯзи хушу ҳам ҳоли харобам доданд.
Ҳангоми ҷудоӣ аз азизони дилам
Ҳам кулфату ҳам ба дида обам доданд.

* * *

Истораи субҳдам нишони роҳ аст,
Гаҳвора замину ҳамрадифаш моҳ аст,
Дар олами коиноту ин даҳри кабир
Сайёраи мо ба Муштарӣ ҳамроҳ аст.

* * *

Сарчашмаи умри ҷовидонӣ, модар,
Девору сутуни ин ҷаҳонӣ, модар.
Покиза ба мисли шафақи субҳи умед,
Нури маҳу шеди хонадонӣ, модар.

* * *

Ин лола ба сина доғи рангин дорад,
Як доғи сияҳ чу чашми ғамгин дорад.
Рӯида ба рӯи гӯри ҳар лоларухе,
Асрори ниҳони хеш чандин дорад.

*   *   *

Ин лола чу ман таноби умраш кӯтаҳ,
Дар фасли баҳор рӯзаке зи панҷу даҳ.
Ҳам доғи муҳаббату мусибат дар дил,
Ҳам аз алами одамӣ қалбаш огаҳ.

*   *   *

Як пора гиле зи хоки Одам моем,
Як пораи дил зи қалби Ҳотам моем.
Дар домани ин сарои гардуни куҳан
Гаҳ дар тарабу гаҳе ба мотам моем.

*   *   *

Ҳар нохалафе қасди худоӣ карда,
Номус зи фақру бенавоӣ карда.
Рӯзе, ки намонд асар зи молу мансаб,
Анбон ба камар касби гадоӣ карда.

*   *   *

Дарё ки равон аст, равонем ҳанӯз,
Ин умр гузаштаву ҷавонем ҳанӯз.
Гарчанд ки рафта нисфи ин умри азиз,
Дар гӯшаи зиндагӣ ҳамонем ҳанӯз.

*   *   *

Ин умри ҷавониям ба нодонӣ рафт,
Бо сӯзу ғаму гиряи пинҳонӣ рафт,
Ман бехабарам зи рафта умри ба абас.
Андар ғами моли олами фонӣ рафт.

*   *   *

Бе ишқ давоми зиндагӣ кӯтоҳ аст,
Афтода чу акси моҳ андар чоҳ аст.
Гар оташи ишқ гармӣ бахшад олам,
Аз шуълаи ишқ равшании роҳ аст.

* * *

Дарё нашавад тира зи ҳар хору хасе,
Селоби калон зи жолаву борон аст.
Аз фитнаи нокасон хароб аст олам,
Ҳар нокасу фитнагар на худ инсон аст.

* * *

Хуршеди баҳори бехазонам модар,
Сарчашмаи умри ҷовидонам модар.
Ҳар шому саҳар чу нури маҳтоби мунир,
Рахшанда чароғи хонадонам модар.

* * *

Дидам санаме, зи дида хун мегиряд,
Аз кулфати ин чархи нагун мегиряд.
Дар ҳасрату ёди рафта он умри азиз
Чун пилтачароғ аз дарун мегиряд.

* * *

Шукронаи сулҳу ваҳдату ободӣ,
Дурем кунун зи кинаву бедодӣ.
Ин лолаи арғувону ранги парчам
Аз хуни шаҳидони раҳи озодӣ.

## ДУБАЙТИҲО

Ба олам аз ҳама зебо ту, модар.
Ба мисли гавҳари якто ту, модар.
Ба олам меҳри ту ҳамто надорад,
Барои ман чи беҳамто ту, модар.

* * *

Аё эй модарам, эй модари ман,
Шикаст аз рафтанат болу пари ман.
Аз он рӯзе, ки рафтӣ ту зи олам,
Бувад холӣ дигар бому дари ман.

* * *

Будӣ пайванд бар обу гили ман,
Кушодӣ укдаҳои мушкили ман.
Кунун, ки рафтаӣ аз дори дунё,
Бувад ёди ту доим дар дили ман.

* * *

Куҷоӣ, модари ҷонам, куҷоӣ,
Куҷоӣ, эй падарҷонам, куҷоӣ,
Дар ин роҳи фиреби зиндагонӣ
Намоед аз бароям раҳнамоӣ.

* * *

Аё ай модарам, ай модари ман,
Аё равшангари хону дари ман
Бимонад то абад номи ту ҷовид
Ба ҳар як мисраи шеъри тари ман.

* * *

Аё ай моҳу шеду ахтари ман,
Бирафтӣ ногаҳонӣ аз сари ман.
Бимонда дар дили ман ғуссаву ғам,
Бигашта холӣ айвону дари ман.

* * *

Ба ҷонам то рамақ дорам, тавонам,
Ба роҳи зиндагонӣ дар намонам
Нигаҳ дор, ай Худо, аз шарри ёрон,
Худам ёбам илоҷи душманонам.

* * *

Зи торикии шаб хавфе надорам,
Битарсам ман зи торикии дилҳо.
Бувад тарсам зи ёрони мунофиқ,
Ки бадкоранд ин паймонгусилҳо.

* * *

Чаро мо қадри умри худ надонем,
Ки ҳоло пуртавонему ҷавонем.
Ба ғафлат гар диҳем умри ҷавонӣ,
Ба пирӣ пой андар гил бимонем.

* * *

Чу дарё умри одам ҳам равон аст,
Ҳама неку бадӣ аз одамон аст.
Бувад кӯтаҳ ҳаёти одамизод,
Валекин номи некон ҷовидон аст.

* * *

Магӯ ҳар панҷаеро нобаробар,
Ки кулли панҷаҳо бо ҳам бародар,
Ба олам гар набудӣ ғуссаву ғам,
Назодӣ тифлакон бо гиря модар.

* * *

Зи мансаб гар ғуруру мастӣ ояд,
Баландиро замоне пастӣ ояд.
Дили бишкаста гар ором бахшӣ,
Ба чашмат шишаи пайвастӣ ояд.

* * *

Агарчи қумрию булбул набудам,
Манам як шоири боному бонанг.
Гули берангубӯ қадре надорад,
Ҳама карруфари товус бувад ранг.

* * *

Шумо чун нури хуршеди самоед,
Ба мо дар зиндагонӣ раҳнамоед.
Шукӯҳу равшании хонадону
Азизу мушфиқу ҳамрози моед.

* * *

Биафтад аз само гар як ситора,
Шавад қалби наҳифам пора-пора,
Ки рафт аз рӯи олам як азизе,
Зи дасти қисмат ин, моро чӣ чора!

* * *

Ба уммеде ки ёбӣ ёри ҷонӣ,
Тамоми умри худ танҳо бимонӣ.
Бимонад пойи ту дар гил ҳамеша,
Китоби илми дунёро нахонӣ.

* * *

Куҷоӣ рафта бар бод, эй ҷавонӣ,
Куҷо шуд шуълаи ишқи ниҳонӣ?
Намонд он сӯзи ишқи оламафрӯз,
Бишуд берангубӯ ин зиндагонӣ.

* * *

Агарчанде раҳи ҳиҷрон дароз аст,
Ғарибӣ роҳи пуршебу фароз аст.
Барои турнаи аз лонааш дур
Ҳама зоғи сияҳ монанди боз аст.

* * *

Табибе дардро созад табобат,
Давои рӯҳу ҷон бошад ибодат.
Чӣ менолӣ зи марги волидонат?
Бирав дар зинда будан бар аёдат.

* * *

Биранҷад ёри ҷонӣ, барнагардад,
Нишоти зиндагонӣ барнагардад.
Макун беҳуда сарф умри дурӯза,
Ки дар пирӣ ҷавонӣ барнагардад.

* * *

Намуда тоза аз чирку маразҳо,
Зи сина дур кун кину ғаразҳо.
Сари хам душмани кибру ғурур аст,
Бигир ибрат зи маҷнунбеду разҳо.

* * *

Куҷоӣ, эй ҷавониям, куҷоӣ,
Сафои зиндагониям куҷоӣ,
Агарчи пирам, аммо дил ҷавон аст,
Аё эй ёри ҷониям, куҷоӣ?!

* * *

Агарчи ҷисми одам аз сафол аст,
Магар оташ будан амри муҳол аст?
Агарчи шуд бино Иблис аз оташ,
Вале созад фурӯ оташ ба хокаш.

* * *

Сари дуроҳае биншаста моем,
Яке шоду яке дилхаста моем.
Яке ҳамчун қадаҳ андар лаби ёр,
Яке чун шишаи бишкаста моем.

* * *

Ҳавои тирамоҳӣ сарду намнок,
Дилам дар ҳасратат пурсӯзу ғамнок.
Надида ман висоли ту ба серӣ,
Ба сӯзи ишқи покат синаам чок.

* * *

Парешонҳоламу афсурдахотир,
Расид умри азиз охир ба охир.
Нашуд марҳам бароям моли дунё,
Аҷал охир бишуд ҷонам фарогир.

* * *

Сухан нуру сафои хушзамирон,
Сухан дороии бою фақирон,
Сухан бо қудрату зӯру тавонаш
Ба мардум оварад гармӣ зимистон.

* * *

Сафеду сабзу сурхи рӯзгорам,
Нишони кишвари ман, ифтихорам,
Ҳамеша ҷилвагар бошад ба олам
Ливои кишвари доимбаҳорам.

* * *

Муҳоҷир ман ба мулки дигаронам,
Ки то ёбам ба худ як пора нонам.
Вале аз ғурбату доғи ғарибӣ
Бисӯзад мағзи ҷону устухонам.

* * *

Худоё, бишнав ин афғону оҳам,
Ба ғайри ин пашиз[1] аз ту нахоҳам.
Бубар манро ту аз мулки ғарибӣ,
Ба сӯи хонаву айвону ҷоҳам.

* * *

Ғаму шодӣ ба олам бебақо нест,
Балову ҳам фаровонӣ зи мо нест.
Агар созӣ қаноат бар каму беш,
Ту доро ҳастию номат гадо нест.

* * *

Замин бар ларза ояд, уф нагӯед,
Зи нокас одамӣ ҳаргиз маҷӯед.
Чу сарве бо сари боло бимонед,
Агар бо дарду ғам ҳам рӯ ба рӯед.

* * *

Ҳама дунёиям дидори модар,
Шарар борад зи ду рухсори модар.
Биёмӯзам забони модарӣ ман
Зи лабҳои шакаргуфтори модар.

* * *

Падарҷонам, аё эй қиблагоҳам,
Будӣ рахшанда чун хуршеду моҳам.
Кунун ки рафтаӣ аз дори дунё,
Бигашта зулмати кул пеши роҳам.

---

[1] Пули сиёҳи камарзиш

* * *

Аё эй мардуми ҷуду худогоҳ,
Набошад ҳеҷ оқил марди бадхоҳ.
Агар бошӣ ту хушбахту батолеъ,
Намесозад таҳаммул марди гумроҳ.

* * *

Ба зулми зиндагонӣ дар набардам,
Зи дасти бенавоӣ аҳли дардам.
Биё, аҳволи ман бин, модари ҷон,
Дилат хун мешавад аз ранги зардам.

* * *

Ҷавонмардӣ ба сурат не, ба сират,
Бурун бинмо зи дил кину кудурат.
Агар дидӣ ба хок афтодаеро,
Гузар кун аз баландии ғурурат.

* * *

Сано гуфтам ба ишқи ҷовидона,
Дилам хун шуд зи ғамҳои замона.
Зи ишқи аввалину охиринам,
Бимонд ин дафтари шеърам нишона.

* * *

Ба ту пайваста аст обу гили ман,
Бувад меҳри ту доим дар дили ман.
Зи шамъи ёди рӯи ту азизам,
Бувад равшан чароғи маҳфили ман.

* * *

Расад рӯзе, равем аз ин замона,
Ба истодан намонад гар баҳона.
Бувад гар зиндагонӣ бо каму беш,
Вале монад ба дилҳо чун фасона.

* * *

Яке оташ заду дигар басе тохт,
Яке вайронаҳоро аз дигар сохт.
Яке дар дил ҳамеша оташи кин,
Яке некӣ намуд, бар об андохт.

* * *

Зи некон қалб агар осуда гардад,
Зи бадкешон физояд занги дилҳо.
Равонад занги дил андешаи нек,
Чу санги соҳилаш дарё зи гилҳо.

# МУНДАРИҶА

Шарҳи ҳол ....................................................................4
Меъмори Сулҳу Ваҳдат ......................................................5
Хуршеди Паём.......................................................................7
Мазраи бахт..........................................................................8
Саҷдагоҳ ...............................................................................9
Парчами Истиқлол..............................................................10
Бахтномаи миллат...............................................................10
Ифтихор...............................................................................11
Меҳри Ватан ........................................................................11
Шукронаи Ватан .................................................................12
Субҳи Ватан.........................................................................13
Ватан ....................................................................................13
Рӯдакӣ .................................................................................14
Ёди Лоиқ..............................................................................15
Шеъри Лоиқ ........................................................................15
Душанбе – шаҳри сулҳу осоиш..........................................16
Ифтихор аз Душанбе .........................................................17
Муқаддасоти Душанбе .......................................................17
Махзани хирад.....................................................................18
Меҳри китоб ........................................................................21
Суруди гумрукчиён ............................................................22
Иди гумрукчӣ муборак! .....................................................23
Суруди дорусозон...............................................................24
Қасидаи дил ........................................................................25
Ларзаи замин .......................................................................26
Дар ҳасрати дидор...............................................................26
Хоҳад монд .........................................................................27
Чорсӯ ...................................................................................27
Ёди он фархундадаврон .....................................................28
Фардои зиндагӣ...................................................................28
Ба модар...............................................................................29
Ба зан-модар ........................................................................29
Ба зан....................................................................................30

Асрори зиндагӣ ........................................................30
Агар фикри дигар дорӣ...............................................31
Шукрона ........................................................................31
Кохи ҳунар....................................................................32
Шоҳи хубон ..................................................................33
Роҳи некӣ ҷустаам ......................................................34
Ишқи зиндагӣ...............................................................34
Нашуд.............................................................................35
Ба тоҷикситезон ..........................................................35
Ватандорӣ аз имон аст ................................................36
Шабистони хаёл ..........................................................36
Асрори азал .................................................................37
Муроҷиат ба нашъаҷаллоб........................................37
Як сару сад хаёл............................................................38
Дилат хуррам бошад...................................................39
Некӣ андар ин ҷаҳон монад.......................................39
Қадри зиндагӣ .............................................................40
Итоб ..............................................................................40
Шарораи умед .............................................................41
Девори Бухоро.............................................................41
Садои занг.....................................................................42
Ёди он айёми некӯ ......................................................42
Ёди кӯдакӣ ....................................................................43
Ёди тифлӣ ....................................................................44
Ёди гузашта .................................................................44
Ҷавонӣ ёдам омад .......................................................45
Дуои бобо ....................................................................45
Умқи хаёл.....................................................................46
Подоши амал ...............................................................46
Мисраи шеъри тари ман будӣ ..................................47
Умедворӣ .....................................................................48
Китоби умри мо............................................................48
Пайвастаи арзу самоем ..............................................49
Шоҳи хубон офариданд .............................................49
Ашки мард ...................................................................50

Амри ҳақ ........................................ 50
Саҷдаи шукрона ........................................ 51
Риштаи меҳр ........................................ 51
Фарёд ........................................ 52
Нахоҳад шуд ........................................ 52
Ман афсарам ........................................ 53
Сафол ........................................ 53
Ба муаллим ........................................ 53
Муаллим ........................................ 54
Зиндагӣ аз шӯру шарар монд ........................................ 54
Оёти зиндагӣ ........................................ 55
Чархи замона ........................................ 56
Панди падар ........................................ 57
Ҳар он чи дидаам ........................................ 57
Ҳамдами ман ........................................ 58
Фарозҳои зиндагӣ ........................................ 58
Дили сангин ........................................ 58
Муноҷот ........................................ 59
Ба фитнагарони ватанбезор ........................................ 59
Дод аз дасти «ситораҳо» ........................................ 60
Ба умед машав ........................................ 60
Ҳасрат ........................................ 61
Хомам ҳанӯз ........................................ 61
Хато ........................................ 61
Эй ки бар ҳаҷ меравӣ ........................................ 62
Пайваста хурам ғам ........................................ 62
Ба ҷуз ту ........................................ 62
Дилгирам, эй дӯст ........................................ 63
Маҷбурам, эй дӯст ........................................ 63
Ғарибі дилхаста ........................................ 64
Марсия ба модарам ........................................ 64
Дар ёди модар ........................................ 65
Во дареғо модарам ........................................ 65
Ашки ҳасрат ........................................ 66
Марсия ба падарам ........................................ 67

Дар ёди падар .......... 67
Дар фироқи падар .......... 68
Падарҷонам .......... 69
Дарди ҳасрат .......... 69
Падарҷон .......... 70
Дареғ .......... 70
Ба турки шерозӣ .......... 71
Чу некӣ метавон кардан .......... 71
Парвози хаёл .......... 72
Афсонаи зиндагӣ .......... 72
Кӯтоҳдастӣ мекунад .......... 73
Субҳи гуҳарбор .......... 73
Тазод .......... 74
Маҳшар .......... 74
Бозори зиндагӣ .......... 75
Некӣ бикун .......... 75
Зистан хоҳам .......... 76
Роғун .......... 77
Истиқбол .......... 78
Мағзрезаҳои қалби ман .......... 79
Рубоиёт .......... 85
Дубайтиҳо .......... 88

**Афсар Сармад**

**ФАРОЗҲОИ ЗИНДАГӢ**
*(Маҷмӯаи шеър)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири техникӣ *Ҳукмиддин Бӯриев*
Тарроҳ *Шуҳрат Ҷабборов*
Ороиши муқова *Олимҷон Азизов*
Ҳуруфчин *Нозанин Ҳамроева*

Ба матбаа 14.05.2018 супорида шуд.
Чопаш 11.06.2018 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Чопи офсет. Коғази офсет. Ҷузъи чопӣ 16,0.
Адади нашр 1000 нусха.

Дар КВД КТН «Шарқи озод»-и Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.
734018, ш.Душанбе, хиёбони С.Шерозӣ, 16.

ШАРҚИ ОЗОД
НАШРИЁТ

9 789997 563071